# НАШРИЯИ
# СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ
# ТОҶИКИСТОН

**№ 2, апрел – июн 2021**

Душанбе-2021

Нашрияи мазкур бо дастгирии Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр шудааст.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкорӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаҳо, ақидаҳо ва шарҳу тафсирҳо дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Барои ройгон (бепул) паҳн намудан пешбинӣ шудааст.

* * *

Данное издание было опубликовано при поддержки Программы GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit(GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

Предназначено для бесплатного распространения.

| | |
|---|---|
| **Сармуҳаррир –** | Шермуҳаммад Шоҳиён – Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ҳайати таҳририя:** **Лутфуллозода Ш.–** | муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Исҳоқӣ А.Н. –** | муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Раҳмонзода С.С. –** | муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – раиси коллегияи ҳарбӣ |
| **Қодирзода Т.Қ. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ализода Ш.Ш. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Азиззода З.Н. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муродзода Б.Р. –** | раиси коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Ҳакимзода С.А. –** | котиби Пленум, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Вазирзода Г.Н. –** | судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

# МУНДАРИҶА

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот
оид ба фаъолияти судҳо........................................................5

**Қонуни конститутсионии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба
Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»......................20

**ҶАМЪБАСТИ**
омӯзиш ва таҳлили сабабҳои тағйирёбӣ ва
бекоршавии қарорҳои судӣ дар нимсолаи дуюми
соли 2020 оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ................................25

**ҶАМЪБАСТИ**
амалияи судӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон
ҳангоми ҳалли парвандаҳои оилавӣ вобаста
ба аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун
намудан ба манзили истиқоматӣ........................................65

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ
# ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ СУДҲО

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳоро муқаррар намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба он танзим менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) дастрасӣ ба иттилоот - ба даст овардани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур;

2) иттилоот оид ба фаъолияти судҳо - иттилооте, ки аз ҷониби судҳо дар доираи салоҳияташон омода карда шудаанд, санадҳои судӣ вобаста ба парвандаҳои мушаххас ва санадҳои дигаре, ки фаъолияти судҳоро танзим менамоянд;

3) судҳо - Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе, ки низоми ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд;

4) истифодабарандаи иттилоот - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур иттилоот оид ба фаъолияти судҳоро дархост менамояд, ба даст меорад ва истифода мебарад;

5) санади судӣ - фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарор, ки бо тартиби мурофиаи судии конститутсионӣ, гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, бароварда шудаанд.

**Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Амали Қонуни мазкур ба муносибатҳое татбиқ мегардад, ки ба дастрасии истифодабарандаи иттилоот оид ба фаъолияти судҳо вобастаанд.

2. Агар қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари пешниҳоди иттилоотро пешбинӣ намояд, муқаррароти Қонуни мазкур бо назардошти талаботи он татбиқ мегарданд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Принсипҳои дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо**

Принсипҳои дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо аз инҳо иборатанд:

1) қонуният;

2) ошкоро ва дастрас будани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) саҳеҳ будани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо;

4) озодона ҷустуҷӯ кардан, дастрас ва паҳн намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) риоя намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳимояи шаъну шараф ва эътибори кории онҳо, сирри тиҷоратӣ, ҳуқуқҳои ташкилотҳо оид ба ҳифзи эътибори кории онҳо;

6) риоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судӣ ҳангоми пешниҳоди иттилоот оид ба фаъолияти судҳо;

7) манъи дахолат ба фаъолияти судҳо ҳангоми дархост намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо.

**Моддаи 5. Маҳдудиятҳои дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо**

1. Дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо маҳдуд карда мешавад, агар иттилоот ба маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда мансуб бошад.

2. Номгӯй ва тартиби ба иттилооти дастрасиашон маҳдуд мансуб донистани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 6. Тарзҳои дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо**

Дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо тарзҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) иштироки шаҳрвандон ва намояндагони ташкилотҳо дар мурофиаҳои ошкорои судӣ;

2) интишор намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо тавассути воситаҳои ахбори омма;

3) интишор намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар сомонаи судҳо;

4) ҷойгир намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар бинои судҳо;

5) ба истифодабаранда додани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, ки дар бойгонӣ нигоҳ дошта мешаванд ё шинос намудани истифодабаранда бо онҳо;

6) бо дархости истифодабарандаи иттилоот ба ӯ пешниҳод намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо;

7) бо тарзҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 7. Шаклҳои пешниҳоди иттилоот оид ба фаъолияти судҳо**

Иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ, электронӣ ва шаклҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, пешниҳод карда мешаванд.

**Моддаи 8. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истифодабарандаи иттилоот**

1. Истифодабарандаи иттилоот ҳуқуқ дорад:

1) иттилоотро оид ба фаъолияти судҳо ба даст оварад;

2) зарурати ба даст овардани иттилооти дархостшударо оид ба фаъолияти судҳо, ки дастрасӣ ба он маҳдуд намебошад, асоснок накунад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Истифодабарандаи иттилоот уҳдадор аст талаботи Қонуни мазкур ва қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд.

## БОБИ 2. ТАШКИЛИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ СУДҲО ВА ТАЛАБОТ ҲАНГОМИ АМАЛӢ НАМУДАНИ ОН

### Моддаи 9. Ташкили дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо

1. Ташкили дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо назардошти талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби судҳо дар доираи салоҳияташон амалӣ карда мешавад.

2. Раиси суд бо мақсади ташкили дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо шахси ваколатдорро таъин намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

### Моддаи 10. Ташкили дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо тавассути шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

Судҳо барои интишори иттилоот оид ба фаъолияти худ бо истифода аз шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сомонаҳоро бо нишон додани суроғаҳои электронӣ, ки тавассути онҳо дархост ирсол кардан мумкин аст, ташкил менамоянд.

### Моддаи 11. Талабот ҳангоми дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо

Талабот ҳангоми дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо аз инҳо иборат мебошанд:

1) саҳеҳ будани иттилооти пешниҳодшаванда;

2) риоя намудани муҳлатҳо ва тартиби пешниҳоди иттилоот;

3) аз иттилооти пешниҳодшаванда оид ба фаъолияти судҳо хориҷ намудани маълумоте, ки дастрасӣ ба он маҳдуд аст;

4) ташкил намудани шароити моддию техникии зарурӣ барои амалӣ намудани ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот.

## БОБИ 3. ПЕШНИҲОДИ ИТТИЛООТ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ СУДҲО

### Моддаи 12. Иштирок дар мурофиаҳои судӣ

1. Шаҳрвандон ва намояндагони ташкилотҳо ҳуқуқ доранд дар мурофиаҳои ошкорои судӣ иштирок дошта бошанд, инчунин рафти маҷлиси судиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт намоянд.

2. Тартиби иштироки шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида дар мурофиаи судӣ, толорҳои маҷлиси судӣ ва бинои судҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигаре, ки фаъолияти судҳоро танзим менамоянд, муқаррар карда мешавад.

### Моддаи 13. Интишори иттилоот оид ба фаъолияти судҳо

Интишори иттилоот оид ба фаъолияти судҳо тавассути воситаҳои ахбори омма бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» амалӣ карда мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 14. Ҷойгир кардани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар сомонаи судҳо**

1. Дар сомонаи судҳо иттилооти зерин ҷойгир карда мешаванд:

1) иттилооти умумӣ дар бораи суд:

- номи суд, суроғаи почтавӣ, суроғаи электронӣ, рақами телефоне, ки тавассути он иттилооти хусусияти маълумотидошта гирифтан мумкин аст;

- сохтори ташкилии суд;

- салоҳияти суд;

- номгӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти судҳоро танзим менамоянд;

- дастурамал оид ба коргузорӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигаре, ки фаъолияти дохилии судро танзим менамоянд;

- насаб, ном ва номи падари раиси суд, муовинони раиси суд, судяҳо, роҳбари дастгоҳи суд, дар мавриди розӣ будани шахсони мазкур маълумоти дигар дар бораи онҳо;

- номгӯи системаи иттилоотӣ ва махзани маълумоте, ки дар ихтиёри суд мебошанд;

- номгӯи нашрияи суд (агар чунин нашрия бошад);

2) иттилооте, ки бо баррасии парванда дар суд алоқаманд мебошанд:

- талабот оид ба шакл ва мазмуни ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми ба суд муроҷиат кардан муайян гардидаанд ва ё намунаи ин ҳуҷҷатҳо, тартиби ба суд пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои мазкур;

- маълумот оид ба андоза ва тартиби пардохти боҷи давлатӣ аз рӯи категорияи парвандаҳое, ки дар суд баррасӣ карда мешаванд;

- маълумот оид ба парвандаҳо ва санадҳои қабулкардаи судӣ аз рӯи натиҷаи баррасии онҳо;

- тавзеҳот ва ҷамъбаст аз рӯи масъалаҳои таҷрибаи судии баррасии парвандаҳои судӣ;

3) маълумоти омори судӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) иттилоот оид ба масъалаҳои кадрии суд:

- талабот нисбат ба номзадҳо ба вазифаи коромӯз-судя;

- маълумот оид ба ҷойҳои холии мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ дар дастгоҳи суд;

- тартиби қабул шудан ба хизмати давлатӣ дар дастгоҳи судҳо, талаботи тахассусӣ нисбат ба номзадҳо барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ дар дастгоҳи суд;

- тартиби гузарондан ва натиҷаи озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар дастгоҳи суд;

- иттилоот оид ба тартиб ва вақти қабули шахсони воқеӣ ва намояндагони шахсони ҳуқуқӣ, тартиби баррасии мурофиати онҳо вобаста ба фаъолияти суд, судя ё кормандони дастгоҳи суд.

2. Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дар баробари иттилооти дар қисми 1 ҳамин модда муқарраршуда мувофиқан дар сомонаи худ маълумотро оид ба низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир менамоянд.

**Моддаи 15. Интишори матни санадҳои судӣ дар сомонаи судҳо**

1. Матни санадҳои судӣ, ба истиснои санадҳои судии дар қисми 5 ҳамин модда пешбинигардида, пас аз эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо бо розигии иштирокчиёни мурофиаи судӣ дар сомонаи судҳо ҷойгир карда мешавад.

2. Ҷойгир кардан ва муҳлатҳои дар сомонаи судҳо нигоҳ доштани санадҳои судӣ аз ҷониби Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ дар доираи салоҳияташон муқаррар карда мешаванд.

3. Ҳангоми интишор намудани матни санадҳои судӣ дар сомонаи судҳо бо мақсади таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиа аз онҳо маълумоти дар қисми 4 ҳамин модда пешбинигардида хориҷ карда мешавад. Бар ивази маълумоти шахсии хориҷкарда сарҳарфҳои насаб, ном ва номи падар, номи сохта ва дигар ифодаҳо, ки ҳаммонанд кардани иштирокчиёни мурофиаро ғайриимкон мегардонанд, истифода мешаванд.

4. Маълумоти шахсӣ мувофиқан бо санадҳои судӣ инҳо мебошанд:

1) насаб, ном ва номи падари иштирокчиёни мурофиаи судӣ, сана ва ҷойи таваллуд, ҷойи истиқомат ё будубош, рақами телефон, маълумоти шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият, рақами мушаххаси андозсупорандаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкорони инфиродӣ;

2) маълумот оид ба маҳалли ҷойгиршавии қитъаи замин, бино, иншоот, хонаи истиқоматӣ, воситаи нақлиёт, маълумоти дигар дар бораи молу мулк ва маблағҳои пулии дар бонкҳо ё дигар ташкилоти қарзӣ будаи иштирокчиёни мурофиаи судӣ, агар ин маълумот ба моҳияти парванда мансуб бошад.

5. Дар сомонаи судҳо матни санадҳои судие, ки бо парвандаҳои зерин баровarда шудаанд, ҷойгир карда намешаванд:

1) ба амнияти давлат дахлдошта, аз ҷумла маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда;

2) аз муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, аз ҷумла оид ба парвандаҳои марбут ба фарзандхондӣ;

3) ба ҳуқуқ ва манфиати ноболиғон дахлдошта;

4) дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ;

5) дар бораи ғайри қобили амал эътироф намудан ё маҳдуд сохтани қобилияти амали шаҳрванд;

6) дар бораи ба тариқи маҷбурӣ дар муассисаҳои бемориҳои рӯҳӣ бистарикунонии шаҳрванд ва шаҳодаткунонии маҷбурии рӯҳӣ;

7) дар бораи ворид намудани ислоҳ, тағйирот ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ.

**Моддаи 16. Ҷойгир намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар бинои судҳо**

Бо мақсади шинос шудани истифодабаранда ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар бинои судҳо овезаҳои иттилоотӣ ва ё воситаҳои техникии таъиноташон шабеҳ ҷойгир карда мешаванд, ки онҳо бояд дорои чунин маълумот бошанд:

1) тартиби қабули шахсони воқеӣ ва намояндаи шахсони ҳуқуқӣ;

2) маълумот дар бораи рӯз, соат ва ҷойи баррасии парвандаҳои судӣ;

3) тартиби ворид шудан ба толори маҷлиси суд ва бинои судҳо ва чораҳои таъсиррасонӣ нисбати вайронкунандагони тартиботи маҷлиси суд;

4) тартиби гирифтани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо;

5) маълумоти дигаре, ки ба истифодабарандаи иттилоот зарур мебошад.

**Моддаи 17. Ҷойгир намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, ки дар бойгонӣ мебошанд**

Ҷойгир кардани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, ки дар бойгонӣ мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 18. Дархост намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳо аз ҷониби истифодабарандаи иттилоот ва тартиби пешниҳод кардани иттилоот**

1. Истифодабарандаи иттилоот ҳуқуқ дорад ба суд бо дархост бевосита ё ба воситаи намояндааш, ки ваколатҳои ӯ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarda шудаанд, барои гирифтани иттилоот муроҷиат намояд.

2. Дар дархост суроғаи почтавӣ, рақами телефон ва ё факс ё ин ки суроғаи электронӣ барои ирсол намудани ҷавоб ба дархост ё дақиқ кардани мазмуни дархост, инчунин насаб, ном ва номи падари дархосткунанда нишон дода мешаванд. Дархости хаттӣ аз тарафи дархосткунанда ё намояндаи ӯ имзо карда мешавад.

3. Дархост дар судҳо бо тартиб ва мӯҳлатҳои муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» баррасӣ карда мешавад.

4. Ҷавоб ба дархост бояд иттилооти дархостшуда ё ҷавоби радди асосноккардашудаи пешниҳоди чунин иттилоотро дар бар гирад.

5. Иттилоот оид ба фаъолияти судҳо ройгон пешниҳод карда мешаванд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар муқаррар нагардида бошад.

**Моддаи 19. Асосҳое, ки имконияти пешниҳод намудани иттилоот оид ба фаъолияти судҳоро истисно менамоянд**

1. Иттилоот оид ба фаъолияти судҳо дар ҳолатҳои зерин пешниҳод карда намешаванд, агар:

1) дархост носаҳеҳ буда, пешниҳод намудани иттилооти дахлдорро оид ба фаъолияти судҳо ғайриимкон гардонад;

2) дар дархост талаботи қисми 2 моддаи 18 Қонуни мазкур риоя нашуда бошанд;

3) иттилооти дархостшуда ба иттилооти дастрасиашон маҳдуд мансуб бошанд;

4) иттилооти дархостшуда амалишавии адолати судиро халалдор намоянд;

5) пешниҳоди иттилооти дархостшуда таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судиро халалдор созад;

6) иттилооти дархостшуда қаблан ба истифодабарандаи иттилоот дастрас шуда бошанд;

7) дар дархост масъалаи шарҳи меъёри ҳуқуқ, тавзеҳи татбиқи он, баҳодиҳии ҳуқуқии санадҳои судӣ ё иҷро кардани кори дигари иттилоотие, ки бевосита ба ҳуқуқу уҳдадориҳои дархосткунанда алоқаманд намебошанд, гузошта шуда бошанд.

2. Судҳо ҳуқуқ доранд иттилоотро аз рӯи дархост оид ба фаъолияташон пешниҳод накунанд, агар ин иттилоот дар воситаҳои ахбори омма ва ё дар сомонаи судҳо нашр шуда бошанд. Дар ин маврид дар ҷавоб ба дархост ном, санаи нашр ва рақами воситаҳои ахбори омма, ки дар он иттилооти дархостшуда нашр гардидаанд ё суроғаи сомона, ки дар он иттилооти дархостшуда ҷойгир карда шудаанд, нишон дода мешаванд.

# БОБИ 4. ҲАМКОРИИ СУДҲО БО ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

**Моддаи 20. Мақсад ва шаклҳои ҳамкории судҳо бо воситаҳои ахбори омма**

Ҳамкории судҳо бо воситаҳои ахбори омма бо мақсади иттилоотонии воқеӣ ва саҳеҳ оид ба фаъолияти судҳо дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) дастрасии озодонаи намояндагони воситаҳои ахбори омма ба бино ва сомонаи судҳо, ки дар онҳо иттилоот оид ба фаъолияти судҳо ҷойгир карда шудаанд, инчунин ҳузур доштани онҳо дар мурофиаҳои ошкорои судӣ;

2) пешниҳоди иттилоот оид ба фаъолияти судҳо аз рӯи дархости воситаҳои ахбори омма;

3) инъикоси иттилоотонии фаъолияти судҳо, аз ҷумла масъалаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти зикргардидаро танзим менамояд;

4) иштироки воситаҳои ахбори омма дар нишастҳои матбуотӣ ва дигар чорабиниҳои якҷояи судҳо;

5) шаклҳои дигари ҳамкорие, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд.

**Моддаи 21. Намояндаи расмии судҳо оид ба ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма**

1. Намояндаи расмии судҳо оид ба ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма раиси суд ё шахсе мебошад, ки аз ҷониби ӯ ваколатдор карда шудааст.

2. Судҳо бо мақсади ташкили ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма метавонанд дар дастгоҳҳои худ бахши сохтории дахлдор ё ин ки шахси ваколатдорро, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшон оид ба амалӣ намудани ҳамкории зикргардида мувофиқан бо санадҳои танзимкунандаи

фаъолияти дохилии судҳо муқаррар карда мешаванд, муайян намоянд.

## БОБИ 5. ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА НАЗОРАТИ ДАСТРАСӢ БА ИТТИЛООТ ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ СУДҲО

### Моддаи 22. Ҳифзи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо

Нисбат ба амали (беамалии) шахсони мансабдоре, ки ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳоро вайрон мекунад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кардан мумкин аст.

### Моддаи 23. Ҳалли баҳсҳои марбут ба дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо

Баҳсҳо вобаста ба дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

### Моддаи 24. Назорати дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо

1. Назорати дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо аз ҷониби раиси суд дар доираи салоҳияташ амалӣ карда мешавад.

2. Тартиби амалӣ намудани назорати дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо бо санадҳои танзимкунандаи фаъолияти дохилии судҳо муқаррар карда мешавад.

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 25. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 26. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе,**
**25 июни соли 2021,**
**№ 1783**

# ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУДҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, № 7, қ.1, мод. 380; с. 2015, № 7-9, мод. 698; с. 2016, № 7, мод. 603; с. 2018, № 2, мод. 62; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, № 1751) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми 3 моддаи 14 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Судя ӯҳдадор аст маҳдудиятҳоро, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» пешбинӣ гардидаанд, риоя намояд. Судя ҳангоми таъин (интихоб) шудан ба вазифа ва ҳангоми адои вазифа ӯҳдадор аст ҳар сол бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон эъломияҳо дар бораи даромад ва вазъи молумулкии худ пешниҳод намояд. Маълумоти пешниҳодшуда, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор карда намешавад.».

2. Моддаи 17 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 17. Савганди судя

1. Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судя таъин шудааст, дар вазъияти тантанавӣ дар ҷамъомади судяҳо чунин савганд ёд мекунад: «Ботантана савганд ёд мекунам, ки вазифаи худро бошарафона, холисона, поквиҷдонона ва одилона иҷро менамоям, танҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонун итоат карда, адолати судиро амалӣ менамоям. Барои вайрон намудани савганди ёдкардаам худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобам».

2. Ҳангоми маросими савгандёдкунии судя Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешаванд.

3. Ҳангоми савгандёдкунӣ судя рост истода, дасти росташро ба болои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, савганд ёд мекунад. Пас аз савганд ёд кардан судя матни савгандро бо имзои шахсии худ тасдиқ ва санаи қабули онро сабт менамояд. Матни савганд дар парвандаи шахсии судя нигоҳ дошта мешавад.».

3. Дар қисми 1 моддаи 18:

- сархати панҷум хориҷ карда шавад;

- сархатҳои сездаҳум ва чордаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати хориҷӣ бошад;

- дар бораи даромад ва вазъи молумулкии худ маълумоти бардурӯғ пешниҳод карда бошад;».

4. Дар қисми 1 моддаи 37:

- дар сархати панҷум калимаи «судяҳоро» ба калимаҳои «судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро» иваз карда шавад;

- ба сархати ҳафтум пас аз калимаҳои «коромӯз – судя,» калимаҳои «сардорони раёсатҳо, шӯъбаҳо, сармутахассисон, мутахассисони пешбар,» илова карда шаванд;

- сархати бистушашум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси шумораи судяҳои Суди Олӣ, судяҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбӣ, шаҳр ва ноҳия, машваратчиёни халқии судҳо, сохтор ва шумораи воҳидҳои кории дастгоҳҳои судҳо, ба истисноии судҳои иқтисодӣ, пешниҳод ирсол менамояд;»;

- ба сархати сиюшашум пас аз калимаҳои «қабул менамояд,» калимаҳои «кормандони дастгоҳро тибқи тартиби муқаррargardида барои сарфароз намудан бо

мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад,» илова карда шаванд.

5. Ба моддаи 38 сархати даҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- масъалаи аз як суд ба суди дигар супоридани парвандаҳои судиро ҳал менамоянд;».

6. Дар қисми 2 моддаи 39:

- ба сархати ҳафтум пас аз калимаҳои «чораҳо меандешад» калимаҳои «, аз натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи судӣ ба мақомоти дахлдор пешниҳод ирсол менамояд» илова карда шаванд;

- сархати ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- масъалаи аз як суд ба суди дигар супоридани парвандаҳои судиро ҳал менамояд;».

7. Ба сархати бистунуҳуми қисми 1 моддаи 53 пас аз калимаҳои «қабул менамояд,» калимаҳои «кормандони дастгоҳро тибқи тартиби муқарраргардида барои сарфароз намудан бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад,» илова карда шаванд.

8. Сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 63 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии ғайринизомӣ ва хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) суди ҳарбиро, ба истиснои сардори шӯъба, мушовир, пристави судӣ ва ёрдамчии раиси суд ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;».

9. Ҷумлаи сеюми қисми 2 моддаи 67 хориҷ карда шавад.

10. Сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи 77 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ба ташкили кори дастгоҳи суд роҳбарӣ карда, кормандони дастгоҳ ва хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) судро, ба истиснои сардорони раёсатҳо, шӯъбаҳо, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, пристави судӣ, мушовирон ва ёрдамчии раиси суд, ба кор қабул ва аз кор озод менамоянд;».

11. Ба сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 83 пас аз калимаҳои «ба истиснои» калимаҳои «сардорони шӯъбаҳо, мутахассисони пешбар,» илова карда шаванд.

12. Ба сархати шашуми қисми 1 моддаи 88 пас аз калимаҳои «ба истиснои» калимаҳои «сардорони шӯъбаҳо, сармутахассисон, мутахассисиони пешбар,» илова карда шаванд.

13. Дар моддаи 91:

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Сохтор ва шумораи воҳидҳои кории дастгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шумораи воҳидҳои кории дастгоҳи Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳо, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе мувофиқан бо пешниҳоди Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.»;

- ба қисми 3 пас аз калимаҳои «воҳидҳои кории амалкунанда» калимаҳои «, аз як суд ба суди дигар додани воҳиди корӣ» илова карда шаванд;

- қисми 5 хориҷ карда шавад;

- қисми 6 қисми 5 ҳисобида шуда, дар он калимаҳои «Пристави судӣ» ва «пристави судӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Сардорони раёсатҳо, шӯъбаҳо, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, пристави судӣ» ва «сардорони раёсатҳо, шӯъбаҳо, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, пристави судӣ» иваз карда шаванд;

- қисми 7 қисми 6 ҳисобида шавад;

- қисми 8 қисми 7 ҳисобида шуда, дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«7. Кормандони дастгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбии гарнизонҳои шаҳр ва ноҳия, суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе ва кормандони Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истисноли хизматчиёни гражданӣ (ҳайати техникӣ ва хизматрасон), хизматчии давлатӣ мебошанд.»;

- қисми 9 қисми 8 ҳисобида шавад.

14. Дар қисми 5 моддаи 131 калимаҳои «ба оилаи вай» ба калимаҳои «ба ӯ ва ё аъзои оилааш» иваз карда шаванд.

15. Дар сархати якуми қисми 2 моддаи 132 калимаҳои «ба ворисони вай» ба калимаҳои «ба аъзои оилааш» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе,**
**20 апрели соли 2021, № 1772**

## ҶАМЪБАСТИ
## омӯзиш ва таҳлили сабабҳои тағйирёбӣ ва бекоршавии қарорҳои судӣ дар нимсолаи дуюми соли 2020 оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ

Бо мақсади иҷрои банди 4 Нақшаи кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи якуми соли 2021 сабабҳои тағйир ёфтан ва бекор шудани санадҳои судӣ, ки дар нимсолаи дуюми соли 2020 марбут ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба амал омадаанд, омӯхта, таҳлил карда шуд.

Омӯзиши фаъолияти мақомоти судии кишвар нишон дод, ки судҳо муқаррароти Конститутсия ва қонунҳо, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паём ва суҳбату вохӯриҳояшон бармеоянд, инчунин Нақшаи кории Суди Олӣ барои нимсолаи дуюми соли 2020-ро ба роҳбарӣ гирифта, баррасии қонуниву асосноки парвандаҳои ҷиноятиро таъмин намудаанд.

Ба судҳои ҷумҳурӣ давоми соли 2020 дар маҷмӯъ 10458 (11047) парвандаҳои ҷиноятӣ ворид шудааст, ки дар муқоиса ба ҳисоботи соли гузашта 589 адад кам мебошад.

Аз шумораи умумии парвандаҳои воридгардида ҳамагӣ 9749 (10719) ё 970 адад кам баррасӣ шудааст.

Дар натиҷаи баррасӣ:

-пешбурди 653 (1632) парванда нисбати 715 (1862) нафар қатъ карда,

-23 парванда нисбати 26 нафар (22/24) ё ин ки 1 парванда нисбати 2 нафар зиёдтар ба тафтишоти иловагӣ баргардонида шуда,

-бо 14 (12) парванда нисбати 14 (12) нафар чораҳои хусусияти тиббӣ дошта татбиқ гардида,

-419 (436) адад аз рӯи тобеият ирсол карда шудааст,

-шумораи 8640 (8617) адад парванда нисбати 10458 (10384) нафар бо баровадани ҳукм ҳал шудааст, ки 23 парванда ва 74 нафар зиёд мебошад,

-нисбати 3 (9) судшаванда ҳукмҳои пурра сафедкунанда бароварда шудааст, ки назар ба ҳисоботи қаблӣ 6 адад кам аст.

Бо барасии парвандаҳо ҳамагӣ 10458 (10384) нафар маҳкум шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳисоботи соли гузашта 74 нафар зиёд мебошад ва аз ин:

-931 (1060) нафар занон, ё дар иртибот ба ҳисоби қаблӣ 129 нафар камтар,

-498 (469) нафар ноболиғон ё 29 нафар зиёдтар,

-43 (65) нафар ё 22 нафар кам шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд.

Аз рӯи шикоят ва эътирозҳои кассатсионӣ ва назоратӣ ҳамагӣ 86 (108) ҳукми судӣ бекор карда шудааст, ки назар ба соли гузашта 22 адад кам мебошад.

Инчунин, аз ҷониби судҳо дар маҷмӯъ 6989 (6816) дархостҳои мақомоти тафтиши пешакӣ оид ба татбиқи чораҳои пешгирӣ ва маҷбуркунии мурофиавӣ баррасӣ гардидааст, ки дар муқоиса ба ҳисоботи гузашта 173 адад зиёд мебошад.

Вобаста ба пешниҳоди мақомоти иҷрои ҷазо бобати иваз кардани муҳлати адонакардаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар, бекор кардани маҳкумкунии шартӣ ва пешниҳодҳои иҷрочиён ва дигарҳо 6166 (14957) мавод мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки назар ба ҳисоботи соли қаблӣ 8791 адад кам мебошад.

Омӯзиши сабабҳои бекор шудан ва тағйир ёфтани қарорҳои судӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар баъзе мавридҳо аз ҷониби судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳо ва қабули қарор ба далелҳои парванда баҳои дурустӣ ҳуқуқӣ дода

намешавад ё талаботи қонуни ҷиноятӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ нодуруст табиқ карда шудааст.

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 6 октябри соли 2020 ҳукми суди ноҳия аз 3 апрели соли 2020 нисбати Д.У.И. бо моддаҳои 244 қисми 2 бандҳои «а, г» ва 248 қисми 3 банди «г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он асосҳо тағйир дода шудааст, ки маҳкумшуда Д.У.И. қаблан 28 октябри соли 2016 бо ҳукми суди ноҳия бо моддаи 244 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 солу 6 моҳ бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низоми пурзӯр таъин карда шудааст. Ӯ дар муассисаи ислоҳӣ адои ҷазо намуда, 29 октябри соли 2019 бо татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» №1648 аз 25 октябри соли 2019 аз адои боқимондаи муҳлати ҷазо озод карда шуда, вале доғи судиаш барҳам нахурда, боз ҷинояти нав содир намудааст.

Тибқи талаботи банди «г» қисми 3 моддаи 84 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон доғи судии шахсе, ки барои ҷинояти вазнин бо маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, бо гузаштани панҷ сол пас аз адои ҷазо барҳам мехӯрад.

Маҳкумшуда Д.У.И. ҷинояти охиронро аввалҳои моҳи декабри соли 2019 яъне, то гузаштани панҷ сол пас аз адои ҷазо содир намудааст, ки дар чунин ҳолат доғи судиаш барҳамхӯрда ҳисоб карда намешавад.

Аммо суди марҳилаи якум ҳангоми муқаррар намудани низоми адои ҷазо нисбати Д.У.И. меъёрҳои зикршудаи қонунгузории ҷиноятиро риоя накарда, нисбати номбурда адои ҷазоро дар муассисаи ислоҳии низоми пурзӯр муайян ва қонуни ҷиноятиро нодуруст татбиқ намудааст.

Зеро, мувофиқи талаботи моддаи 58 қисми 5 банди «г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсоне, ки ҳангоми ретсидиви ҷиноят, агар маҳкумшуда ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро қаблан адо карда бошад, адои ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низоми сахт таъин карда мешавад.

Аз ин рӯ, ҳукми суди марҳиалаи якум дар қисми низоми адои ҷазо тағйир дода шуда, адои ҷазо нисбати маҳкум дар колонияи ислоҳии дорои низоми сахт муқаррар карда шуд.

*Бо сабаби беморӣ бе ҳаматарафа баҳо додани далелҳои парванда аз ҷазо зод кардани маҳкумшуда*

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 4 августи соли 2020 таъиноти суди шаҳр аз 17 январи соли 2020 нисбати Р.С.А. бинобар сабаби беморӣ аз адои ҷазои боқимондаи маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати шаш солу ҳафт моҳу ҳашт рӯз озод кардан, бекор карда шуд.

Дар рафти баррасии парванда дар марҳилаи назоратӣ муайян гардид, ки мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 391 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди «е» моддаи 205 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар маҳкумшуда дар давоми адои ҷазо ба бемории руҳӣ ё дигар бемории вазнин гирифтор шуда бошад, ки ба адои ҷазо халал мерасонад, суд бо пешниҳоди сардори мақомоте, ки иҷрои ҷазоро анҷом медиҳад, дар асоси хулосаи комиссияи тиббӣ ҳуқуқ дорад маҳкумшударо аз адои минбаъдаи ҷазо озод кунад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи аз адои минбаъдаи ҷазо озод кардани шахсоне, ки гирифтори бемории вазнин мебошанд ва он ба адои ҷазо халал мерасонад, ба ғайр аз

онҳое, ки ба бемории рӯҳӣ гирифторанд, судя вазнинии ҷинояти содиркардашуда, шахсияти маҳкумшуда ва дигар ҳолатҳоро ба эътибор мегирад.

Тавре аз ҳукмҳои нисбати маҳкум Р.С.А. баровардашуда дида мешавад, бо моддаҳои 247 қисми 4 банди «б», 338[1] қисми 2 бандҳои «а, б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шуда, аз ҷониби ӯ зарари ба ҷабрдидаҳо П.А.Н., Ҷ.С.М., Л.Ш.Ф., Қ.З., З.Т.Н., С.П.И. ҷамъ ба маблағи 83450 доллари ИМА барқарор карда нашудааст.

Ҳамзамон, аз таърихи бемории Р.С.А. бармеояд, ки дар нуҳ моҳ аз тарафи духтурони табобати фаросадо (УЗИ) ва дигар духтуроне, ки таҳлили хуну пешобро гузарониданд, вай гирифтори бемории «сирози ҷигар» набуда, дар моҳи даҳуми табобат, яъне 21 ноябри соли 2019 ӯ ҳамагӣ як маротиба дар Беморхонаи ёрии таъҷилии тиббӣ аз ташхиси фаросадо гузаронида, ташхиси «холесист панкреатит, микролитиази гурдаҳо, гепатит «С» зери савол гузошта шудааст, дар ин ташхис низ бемории «сироз» комилан инкор гардидааст.

Санаи 28 ноябри соли 2019 духтурони муассиса ва 21 декабри соли 2019 Комиссияи махсуси тиббии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷинояти Вазорати адлия Р.С.А.-ро муоина намуда, ба ӯ бармаҳал ташхиси сирози ҷигар, марҳилаи декомпинсатсияи фаъолияти ҷигар бо сабаби гепатити вируси намуди «С», ҳамрадиф: гастродуоденити музмини эрозивӣ дар марҳилаи хурд, бемории фишорбаландии тарабиши хун 2-юм дараҷа хатари 3, авоsurvizҳо варамоварии рагҳои хунгарди сурхруда қисмати 3/1 поён бо хунравӣ, камхунии дараҷаи вазнин гузоштаанд. Аммо дарунгарӣ (эзофагогастродуоденоскопия) рӯзи 24 декабри соли 2019 баъди 26 рӯзи ташхиси пешакии духтурони муассиса ва 3 рӯзи хулосаи Комиссияи махсуси тиббии Сарраёсат

нисбати маҳкумшуда Р.С.А. гузаронида шуда, ҳолати хунрезиш дар меъдаю рудаи 12-ангуштаро ошкор карда, бе гузаронидани ташхиси пурра Комиссияи махсуси тиббӣ пешакӣ ташхиси «сирози ҷигар» гузоштааст.

Аммо суди марҳилаи якум маводи пешниҳодшударо дар хусуси бо сабаби бемории вазнин аз адои боқимондаи ҷазо озод кардани маҳкумшуда баррасӣ намуда, ба муқаррароти қонуни дар боло номбурда дар ҳамбастагӣ ба вазнинии ҷинояти содиршуда, шахсияти ӯ ва ҳолатҳои кор баҳои ҳуқуқӣ надодааст.

Дар натиҷа таъиноти суди марҳилаи якум нисбати Р.С.А. бекор ва мавод барои баррасии нав ба ҳамон суд, вале дар ҳайати дигар фиристонида шуд.

*Бармаҳал хулосабарорӣ кардани коллегияи касатсионӣ оиди ҷой надоштани ҷиноятӣ авбошӣ*

Д.Ҳ.О. бо ҳукми суди шаҳр аз 23 январи соли 2020 бо моддаҳои 108 қисми 1 ва 237 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ дар асоси моддаи 67 қисми 3 ҳамин Кодекс аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи пурра зам намудани ҷазоҳои таъиншуда, ҷазои ниҳоӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати нӯҳ сол бо адо кардани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низомаш пурзӯр таъин карда шудааст.

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии суди вилоят аз 1 апрели соли 2020 ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода шуда, кирдори Д.Ҳ.О. аз моддаи 237 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 116 ҳамин Кодекс аз нав банду баст карда шуда, нисбаташ бо ин модда ҷазои ҷарима ба андозаи 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 16500 сомонӣ ва аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи пурра зам кардани ҷазоҳо

ҷазои ниҳоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 2 сол бо адои ҷазо дар колонияи ислоҳии сукунат ва ҷазои ҷарима ба андозаи 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 16500 сомонӣ ба фоидаи давлат таъин карда шуда, бо татбиқи сархати панҷуми моддаҳои 2, 3 ва сархати якуми моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019 аз адои ҷазо озод гардидааст.

Дар рафти мурофиаи коллегияи назоратӣ муайян гардид, ки суди марҳилаи кассатсионӣ дар таъиноти худ сабаби аз нав банду баст намудани кирдори маҳкумшуда Д.Ҳ.О.-ро бо чунин ваҷҳҳо асоснок намудааст, ки гӯё як сол пеш байни охирин ва оилаи ҷабрдида, бинобар сангпартоии беасоси маҳкумшуда ба ҳавлии ҷабрдида хусумати шахсӣ ҷой дошта, барои тақсимоти об байни Д.Ҳ.О. ва Ш.К. ҷанҷол ба вуқуъ пайваста, он ҳамагӣ 5-10 дақиқа давом намуда, тартиботи ҷамъиятӣ вайрон карда нашудааст. Бо ин асос кирдори маҳкумшуда Д.Ҳ.О-ро аз моддаи 237 қисми 3 банди «а» ба моддаи 116 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав банду баст намудааст.

Ҳамзамон, коллегияи кассатсионӣ дар таъиноташ эътироф намуда, қайд кардааст, ки «ҳамин вақт дар кӯча сокини деҳаи Р. усто Х. бо келинҳояш ва дигар одамон ҷамъ омаданд. Баъди ба замин афтидани Ш.К., Д.Ҳ.О. ба П.Ҷ., П.В., Ш.Б., ки дар ҷои ҳодиса будаанд гуфтааст, ки забони Ш.К.Б.-ро кашола кунанд».

Мувофиқи маводи парванда дар ҳузури шахсони дигари номбурда маҳкумшуда Д.Ҳ.О. ҷабрдида Ш.-ро бо алфози қабеҳ дашном ва лату кӯб намуда, дар натиҷа сокинони маҳалла ба ҷойи ҳодиса ҷамъ омадаанд.

Вобаста ба ин, тибқи бандҳои 8 ва 18 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №20 аз 26 июни соли 2009 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии

парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба авбошӣ» таҳти маҳфуми дағалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ ҳаракатҳое, ки бо онҳо ба манфиати шахсӣ ё ҷамъият зарари ҷиддӣ расонида, нисбат ба шаҳрванд ягон намуди зӯроварӣ татбиқ мегардад, фаҳмида мешавад.

Мутобиқи банди 12 сархати якуми қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №33 аз 24 декабри соли 2010 бо тағйиротҳо аз 14 июни соли 2018 таҳти №32«Дар бораи ҳукми судӣ» вақте, ки суд, судя ба хулоса дар бораи зарурати тағйир додани айбдоркунии қаблан ба судшаванда эълоншуда ба моддаи дигари қонуни ҷиноятие, ки парванда аз рӯи онҳо танҳо бо аризаи ҷабрдида (моддаҳои 112, 116, 135, 136, 156 қисмҳои 1, 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) оғоз карда мешавад, оянд, дар сурати дар парвандаи мазкур мавҷуд будани аризаи ҷабрдида ё арзи шифоҳии ӯ, ки дар мурофиаи судӣ дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани судшаванда пурсидааст, ҳаракатҳои судшавандаро бо моддаҳои зикргардидаи қонуни ҷиноятӣ бандубаст мекунанд.

Ҳангоми дар парванда мавҷуд набудани аризаи ҷабрдида суд, судя дар мурофиаи судӣ фикри ӯро дар хусуси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани судшаванда муайян мекунад.

Гарчанде, дар маводи парванда аризаи ҷабрдида ё намояндаи он нисбати Д.Ҳ.О. мавҷуд набошад ҳам, суди марҳилаи кассатсионӣ кирдори охиронро бо моддаи 116 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст кардааст.

Дар баробари ин, суди марҳилаи кассатсионӣ ба далелҳои парвандаи ҷиноятӣ яктарафа ва нопурра баҳо дода, сангпартоии як сол пеши Д.-ро ба хонаи Ш.К. ва дар заминаи тақсимоти об ба амал омадани ҷанҷолро ҳамчун хусумати шахсии байни тарафҳо эътироф карда, қонуни ҷиноятиро нодуруст татбиқ намуда, оиди аз нав банду баст

намудани кирдорҳои маҳкумшуда бармаҳал хулосабарорӣ кардааст.

Тибқи сархатҳои якум ва чоруми моддаи 372 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон яктарафа ва нопурра будани тафтиши судӣ ва нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ асос барои бекор кардани ҳукми суд шуда метавонад.

Дар асоси қисми 1 моддаи 412 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти баррасии парванда ба тариқи назоратӣ ҳолатҳое, ки дар моддаи 372 Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, барои бекор кардан ё тағйир додани ҳукм асос шуда метавонанд.

Аз ин лиҳоз, бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 22 сентябри соли 2020 таъиноти марҳилаи кассатсионӣ бекор ва парвандаи ҷиноятӣ барои аз нав ба тариқи кассатсионӣ баррасӣ кардан дар ҳайати дигар ба суди вилоят фиристонида шуд.

*Дар асоси Қонуни авф нодуруст*
*қатъ кардани пешбурди парванда*

Ҳ.А.М. бо ҳукми суди шаҳр аз 28 майи соли 2020 бо моддаи 247 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати панҷ сол бо адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми пурзӯр, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои пулӣ молӣ дошта, таъин карда шудааст.

Бо таъиноти ҳамин суд аз 5 июни соли 2020 пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати Ҳ.А.М. бо моддаи 247 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи моддаи 3 банди 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 24 августи соли 2016 таҳти №1355 қатъ карда шудааст.

Инчунин, бо таъиноти дигари суди мазкур аз 15 июли соли 2020 дар қисми хулосавии ҳукм нисбати Ҳ.А.М. бо моддаи 247 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати адои ҷазои иловагӣ оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои пулӣ молӣ дошта, ба муҳлати як сол муайян карда шудааст.

Дар рафти баррасии парванда дар коллегияи назоратии Суди Олӣ муайян гардид, ки тибқи талаботи сархати сеюми қисми 1 моддаи 334 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми хулосавии ҳукми айбдоркунанда бояд қисм ва бандҳои моддаи қонуни ҷиноятӣ, ки тибқи он судшаванда гунаҳгор эътироф шудааст, нишон дода шавад.

Мувофиқи талаботи банди 1 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» №1 аз 24 феврали соли 2005 бо тағйиру иловаҳо аз 30 июни соли 2011 таҳти №3 судҳо бояд ҷазоро дар доираи пешбиникардаи моддаи қонуне, ки ҷавобгариро барои содир намудани ҷиноят пешбинӣ намудааст, мувофиқан аниқ аз рӯи қоидаҳои пешбининамудаи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намоянд.

Тавре аз ҳукми суди марҳилаи якум дида мешавад, ҳангоми таъин намудани ҷазо суд ҳолатҳои дар боло зикргардидаро мадди назар намуда, Ҳ.А.М.-ро бо бандҳои «а, в» қисми 3 моддаи 247 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор намуда, банди «в»-ро беасос нишон додааст, чунки бо ин банд ба маҳкум айб эълон карда нашудааст.

Мувофиқи талаботи банди 6 қарори Пленуми мазкур ва моддаи 50 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар ҳолати аз тарафи шахс содир шудани ҷиноят марбут ба иҷрои вазифаҳо аз рӯи мансаб ё машғул будан бо фаъолияти муайян, суд вазифадор аст, характери ҷинояти содиршударо ба назар гирифта, масъалаи маҳрум кардани

судшаванда аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайянро муҳокима намояд. Ҳангоми таъин намудани ин намуди ҷазо дар қисми хулосавии ҳукм бояд вазифа ё намуди фаъолияте, ки ишғол намудани он ё машғул шудан ба он манъ карда мешавад, ба таври мушаххас нишон дода шавад. Аз ҷумла, судшавандаро аз ҳуқуқи фаъолият намудан дар ин ё он соҳаи хоҷагии халқ маҳрум кардан бе муайян намудани доираи вазифаҳое, ки ӯ ишғол намудани онро ҳуқуқ надорад, мумкин нест.

Вале, суди марҳилаи якум бархилофи қонуни мазкур ва қарори Пленуми зикргардида ба Ҳ.А.М. бо моддаи 247 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои иловагиро таъин намуда, вазифа ё намуди фаъолиятеро, ки ишғол намудани он ё машғул шудан ба он манъ карда мешавад, ба таври мушаххас нишон надодааст.

Илова бар он, суди марҳилаи якум бархилофи қонуни дар боло зикршуда бо таъинот аз 15 июли соли 2020 бо дастрасии қисми 7 моддаи 401 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми хулосавии ҳукм адои ҷазои иловагии Ҳ.А.М. оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои пулӣ молиро ба муҳлати 1 сол ислоҳ кардааст.

Дар асоси талаботи банди 8 моддаи 49 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд пурра талофӣ намудани зарари моддӣ аз тарафи маҳкумшуда барои содир намудани ҷинояти пешбининамудаи моддаи 247 қисми 3 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои таъингардидаи маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст ё суди маҳалли иҷрои ҷазо ё суди болоӣ ба ҷазои ҷарима иваз карда мешавад.

Мутофиқи банди 6 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 24 августи соли 2016 таҳти №1355 маҳкумшудагоне, ки барои содир намудани

ҷиноятҳои дар моддаҳои 245-247, 253 ва 257 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида маҳкум шуда, зарари моддии расонидашударо пурра талофӣ карда бошанд, аз ҷазо ё адои ҷазо озод карда мешаванд.

Суди марҳилаи якум бошад талаботи қисми 8 моддаи 49 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 6 моддаи 3 Қонуни авфи номбурдаро ба инобат нагирифта, бо таъинот аз 5 июни соли 2020 дар асоси Қонуни авфи мазкур пешбурди парвандаро қатъ намудааст.

Ҳолатҳои дар боло нишондодашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби суд қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба таври ҷиддӣ вайрон ва қонуни ҷиноятӣ нодуруст татбиқ гардидааст, ки мутобиқи сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 1 моддаи 372 ва моддаҳои 375-376 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани қарорҳои судӣ мебошанд.

Тибқи талаботи моддаи 412 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти баррасии парванда ба тариқи назоратӣ ҳолатҳое, ки дар моддаи 372 Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, барои бекор кардани ҳукм асос шуда метавонанд.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти он ки аз ҷониби суди марҳилаи якум қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба таври ҷиддӣ вайрон ва қонуни ҷиноятӣ нодуруст татбиқ карда шудааст бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 1 декабри соли 2020 ҳукм ва таъинотҳои суди марҳилаи якум бекор карда, парвандаи ҷиноятӣ барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар фиристонида шуд.

*Дар вақти ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парванда оиди исботи айб бармаҳал хулосабарорӣ кардани суд*

Парвандаи ҷиноятӣ нисбати Н.Н.Ҳ. бо моддаҳои 247 қисми 3 бандҳои «а, в» ва 338 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъиноти маҷлиси судии суди ноҳия аз 20 январи соли 2020 барои гузаронидани тафтиши иловагӣ ба прокуратураи ноҳия баргардонида шудааст.

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии суди вилоят аз 10 июни соли 2020 таъиноти мазкур бетағйир, эътироз ва шикоятҳои хусусӣ беқаноат мононда шудаанд.

Дар вақти баррасии парванда дар марҳилаи назоратӣ муайян гардид, ки суди марҳилаи якум парвандаро ба тафтишоти иловагӣ баргардонида, аз ҷумла дар таъинот зикр намудааст, ки:

-ҳангоми гузаронидани тафтиши пешакӣ ба вайронкунии дағалонаи талаботи моддаи моддаи 21 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода шудааст;

-хулосаи баровардаи мақоми тафтиши пешакӣ, ки дар фикри айбдорӣ дарҷ шудааст, бо маводи парвандаи ҷиноятӣ мувофиқат намекунад;

-аз ариза ва баёноти ҷабрдида Қ.Ф., ки ҳамчун далел барои ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидани Н.Н.Ҳ. асос шудааст, хулосабарори кардан мумкин аст, ки дар кирдори охирин аломати ҷиноят ҷой надорад;

-далелҳои аз тарафи Н.Н.Ҳ. ба мақоми тафтиши пешакӣ пешниҳодкарда оиди аз ҷабрдида Қ.Ф. қарздор набуданаш, ба назар гирифта нашудааст;

-айби эълон кардашуда нисбати Н.Н.Ҳ. вобаста ба боварии Қ.Ф. даромада, ба охирин зарари калон расонидааст, исботи худро наёфтааст;

-вобаста ба ҳолати айби нисбати Н.Н.Ҳ., гуё ба боварии Н.Қ.Х. даромада, ба охирин ба маблағи 30000 сомонӣ зарари калон расонидааст, суд муайян кардааст, ки вобаста ба ин ҳолати мазкур ҳалномаи суди иқтисодии вилоят аз 29 майи соли 2017 мавҷуд мебошад;

-бо ном ҷабрдидаҳо Қ.Ф.М., Н.Қ.Х. ва Ҷ.Ш.Ф. аз аввал бо Н.Н.Ҳ. дар чи муносибат қарор доштаанд, муайян карда нашудааст. ки байни онҳо муомилоти тиҷоратию иқтисодӣ, гражданӣ ҷой дорад. Агар Н.Н.Ҳ. ҷиноят содир карда бошад, он дар чи ифода меёбад ва бо кадом асос ва далелҳо исбот карда мешавад;

-бархилофи талаботи моддаи 42 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ.Ф.М., Н.Қ.Х. ва Ҷ.Ш.Ф. бармаҳал, бе асосҳои кофӣ, қасдан ё саҳван ҷабрдида эътироф шудаанд;

-ба ки тааллуқ доштани зарфи барои гази моеъ ва ғунҷоиши он муайян карда нашудааст;

-миқдори зарари гуё ба ҷабрдидаҳо расонидашуда муайян карда нашуда ва дар ҳолати ретсидиви хавфнок ҷой надорад;

-муфаттиши прокуратураи ноҳия ғайриқонунӣ нисбати Н.Н.Ҳ. бо моддаи 247 қисми 3 банди «а» КҶ парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардааст;

-аз забонхату баёнотҳои Н.Н.Ҳ. суд ба хулосаи аниқ омада натавонистааст, ки Н.Н.Ҳ.-Ҷ.Ш.Ф-ро фиреб карда бошад ё Ҷ.Ш.Ф. – Н.Н.Ҳ.-ро;

-аз сабаби он ки парвандаи ҷиноятӣ ниҳоят тафтишталаб буда он пур аз камбудиҳое мебошад, ки имконияти бартараф кардани онҳо дар мурофиаи судӣ ғайриимкон мебошад, бинобар ин дархости айбдоркунандаи давлатӣ оид ба таъин намудани экспертизаи судӣ-хатшиносӣ рад карда шудааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 21 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ретсидиви ҷиноят дар ҳолате эътироф мешавад, ки шахси қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дошта, ҷинояти қасдона содир намуда бошад.

Зимни мавриди баҳс қарор додани ҳолати дар ҳаракатҳои Н.Н.Ҳ. ҷой надоштани ретсидиви хавфнок суди марҳиллаи якум ин муқаррароти қонунро дар якҷоягӣ бо далелҳои парвандаи ҷиноятӣ мавриди баҳодиҳии ҳуқуқӣ қарор надода, бармаҳал хулосабарорӣ намудааст.

Аз таъиноти суди марҳилаи якум бармеояд, ки суд ба нишондоди дар мурофиаи судӣ додаи Н.Н.Ҳ. такя намуда, шарҳ додааст, ки гуё охирин ҷабрдидаҳо Қ.Ф.М., Н.Қ.Х. ва Ҷ.Ш.Ф-ро фиреб накарда, маблағҳои онҳоро сари вақт гардонида дода бошад.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 264 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ барои тафтиши иловагӣ ба прокурор баргардонида шуда, судя бояд дар қарори худ зикр кунад, ки парванда дар кадом асос баргардонида шудааст ва ба таври мушаххас кадом амали тафтиширо ҳангоми тафтиши иловагӣ гузаронидан зарур аст.

Лекин аз таъиноти суди марҳилаи якум бармеояд, ки суд бо нишон додани масъалаҳои муайяншуда парвандаро ба тафтишоти иловагӣ баргардонида, ҳамзамон барои ҳалли онҳо, ки бо гузаронидани кадом амалӣ тафтишотӣ бартараф карданашон имконпазир аст, нишон нададааст.

Ҳамзамон, суди марҳилаи якум масъалаҳои дар вақти баррасии парванда муайянгардидаро дар таъинот нишон дода, имконияти бартараф гардидани онҳо, инчунин талаботи дар қонунгузорӣ ва дар боло овардашударо мавриди муҳокима қарор надода, оид ба вуҷуд надоштани далели саҳеҳ дар парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба аломатҳои айби эълоншуда бармаҳал хулосабарорӣ карда, парвандаро

ба тафтишоти иловагӣ баргардондааст, вале бо кадом тартиб бартараф кардани онҳоро пешниҳод накардааст.

Дар робита ба ин, дар банди 15 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 23 декабри соли 2011 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорие, ки баргардонидани парвандаро барои тафтиши иловагӣ ба танзим медароранд» қайд гардидааст, ки суд, судя бояд дар назар дошта бошанд, ки дар таъинот ё қарор дар бораи баргардонидани парванда барои тафтиши иловагӣ масъала ҷиҳати исбот гардидани воқеияте, ки аз ҷониби мақомоти тафтиш муайян карда нашудааст, исбот шудан ё нашудани айб, аслӣ будан ё набудани ин ё он далел, афзалияти як далел нисбати дигар, татбиқи ин ё он банд, қисм ва моддаи қонуни ҷиноятӣ набояд бармаҳал баррасӣ карда шавад.

Суди марҳилаи кассатсионӣ бошад ҳангоми дида баромадани эътироз ва шикоятҳои хусусӣ ба ин ҳолатҳо баҳои ҳуқуқӣ надода, таъиноти маҷлиси судиро бармаҳал бетағйир монондааст.

Бо назардошти он ки ҳолатҳои нишондода дар маҷмуъ аз яктарафагӣ ва нопуррагии тафтиши судӣ шаҳодат дода, мувофиқи талаботи сархати якуми моддаи 372 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани ҳукм шуда метавонад ва мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 412 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти баррасии парванда ба тариқи назоратӣ ҳолатҳое, ки дар моддаи 372 Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, барои бекор кардани ҳукм асос шуда метавонанд, бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ 17 ноябри соли 2020 таъиноти маҷлиси судии суди марҳилаи якум ва таъиноти коллегияи кассатсионӣ бекор карда, парванда барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар фиристода шуд.

*Нодуруст таъин кардани ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо*

Бо ҳукми суди шаҳр аз 29 майи соли 2020 У.К.А. бо моддаи 195 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ бо ин модда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати як солу шаш моҳ,

-бо дастрасии моддаи 68 қисми 1 ҳамин Кодекс бо роҳи қисман зам намудани ҷазои бо ҳукми суди ноҳия аз 17 январи соли 2013 бо моддаи 200 қисми 4 банди «д» Кодекси мазкур таъингардида, ҷазои ниҳоӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 5 солу 11 моҳу 19 рӯз бо адо кардани ҷазо дар колонияи ислоҳии низомаш сахт таъин гардидааст;

С.С.С. бо моддаи 195 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ бо ин модда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати як солу шаш моҳ,

-бо дастрасии моддаи 68 қисми 1 ҳамин Кодекс бо роҳи қисман зам намудани қисми боқимондаи ҷазои бо ҳукми суди ноҳия аз 26 апрели соли 2018 бо моддаҳои 200 қисми 3 бандҳои «а, в, г», 206 қисми 2 банди «а» Кодекси мазкур таъиншуда, ҷазои ниҳоӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 6 солу 4 моҳу 13 рӯз бо адо кардани ҷазо дар колонияи ислоҳии низомаш сахт таъин гардидааст.

Дар рафти баррасии парванда дар марҳилаи назоратӣ муайян гардид, ки У.К.А. бо ҳукми суди ноҳия аз 17 январи соли 2013 бо моддаи 200 қисми 4 банди «д» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷинояти 27 ноябри соли 2012 содир намудааш ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 15 сол бо нигоҳ доштан дар колонияҳои ислоҳии низомаш сахт маҳкум шудааст.

Аз ҳукми суди марҳилаи якум аз 29 майи соли 2020 бо парвандаи мазкур бошад, дида мешавад, ки У.К.А. барои ҷинояти соли 2009 содир кардадааш бо моддаи 195

қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум гардида, ҷазои ниҳоӣ дар асоси қисми 1 моддаи 68 ҳамин Кодекс аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъин гардидаст.

Вобаста ба ин, дар қисми 6 моддаи 67 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаст, ки агар пас аз баровардани ҳукм аз рӯи парванда муқаррар гардад, ки маҳкумшуда дар содир намудани ҷинояти дигари то баровардани ҳукм аз рӯи парвандаи аввал низ гунаҳгор мебошад, ҷазо бо қоидаҳои дар ҳамин модда зикргардида таъин карда мешавад.

Вале аз ҷониби суди марҳилаи якум ба ҳолатҳои мазкур ва талаботи қонуни зикргардида баҳои ҳуқуқӣ надода, нисбати У.К.А. ҷазои ниҳоиро аз рӯи маҷмуӣ ҳукмҳо муйаян намудаст.

Инчунин, тибқи маводи парванда С.С.С. бо ҳукми суди ноҳия аз 26 апрели соли 2018 бо моддаҳои 200 қисми 3 бандҳои «а, в, г» ва 206 қисми 2 банди «а» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷазои ниҳоии маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 11 солу 6 моҳ бо адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми пурзӯр маҳкум шудааст.

Суди марҳилаи якум ба У.К.А. ва С.С.С. бо моддаи 195 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҳукмҳои дар боло зикргардида дар асоси моддаи 68 қисми 1 ҳамин Кодекс аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо бо роҳи қисман зам намудани ҷазоҳо ҷазои ниҳоӣ таъин намуда, дар ҳукми судӣ қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукмҳои қаблӣ нисбати онҳо таъиншударо нишон надодааст.

Дар робита ба ин, дар банди 11 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 13 марти соли 2003 бо тағйиру иловаҳо аз 23 июни соли 2010 таҳти №18 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо» таъкид гардидиаст, ки ҳангоми таъин намудани ҷазо аз рӯи

маҷмӯи ҳукмҳо ба судҳо лозим аст, ки дар қисми муқаддимавии ҳукм намуд ва қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншударо, ки дар асоси моддаи 68 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд пурра ё қисман ба ҷазои бо ҳукми нав таъиншуда зам карда шавад, муфассал муқаррар намуда, онҳоро аниқ нишон диҳанд.

Аз ҳукми суди марҳилаи якум дида мешавад, аз ҷониби суд зимни таъини ҷазои ниҳоӣ ба У.К.А. ва С.С.С. ин талаботи қарори Пленуми Суди Олӣ риоя нагардида, муҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати онҳо бо ҳукмҳои қаблӣ таъингардида нишон дода нашуда, ба он баҳои ҳуқуқӣ дода нашудааст.

Гарчанде мутобиқи банди 12 ҳамин қарори Пленуми Суди Олӣ судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҷазои аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо таъиншуда дар ҳар маврид аз рӯи андоза чӣ аз ҷазои таъиншуда барои ҷинояти нав содиркарда ва чӣ аз қисми адонагардидаи ҷазои бо ҳукми пештара таъиншуда бояд зиёд бошад. Лекин аз муҳлати баландтарини барои чунин намуди ҷазо муқарраршуда зиёд буда наметавонад.

Ғайр аз ин, суди марҳилаи якум У.К.А.-ро барои дар ҳолати ретсидив содир намудани ҷинояти бо моддаи 195 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида гунаҳгор донистаст, вале дар маводи парвандаи ҷиноятӣ оиди қабл аз содир намудани ин ҷиноят барои содир намудани дигар ҷиноят маҳкум гардиданаш, далел дида намешавад.

Аз сабаби он ки ҳолати мазкур аз яктарафа ва нопурра будани тафтиши судӣ ва нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ шаҳодат дода, дар асоси сархатҳои якум ва чоруми моддаи 372, қисми 1 моддаи 412 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси бекор гардидани ҳукми суди марҳилаи якум мешаванд, аз ин лиҳоз бо таъиноти

коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 1 декабри соли 2020 ҳукми суди марҳилаи якум бекор карда, парвандаи ҷиноятӣ барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар ирсол гардид.

*Бо моддаи 112 Кодекси ҷиноятӣ нодуруст бандубаст намудани кирдори маҳкум*

Бо ҳукми суди шаҳр аз 3 августи соли 2020 ба С.Ф.Р. бо моддаи 112 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба мӯҳлати 80 соат, бо адои ҷазо дар ҷойҳои муайяннамудаи мақомоти иҷрокунандаи ҳукм, вале дар маҳалли зисти маҳкумшуда бо давомнокии на зиёда аз чор соат дар як рӯз, берун аз вақти корҳои асосӣ ва дар рӯзҳои корӣ ду соат пас аз адои кор, таъин карда шудааст.

Ҳангоми баррасии парванда дар марҳилаи назоратӣ муайян гардид, ки диспозитсияи моддаи 112 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро бо аломати қасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ, яъне расонидани зарари сабук ба саломатӣ, ки боиси ба мӯҳлати кӯтоҳ хароб шудани саломатӣ ё андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат гардидааст, муқаррар менамояд.

Аз санади тиббӣ-судӣ аз 15 майи соли 2020, таҳти №399 дида мешавад, ки ҷабрдида С.М.С. дар натиҷаи лату куб шудан аз ҷониби маҳкумшуда дар сатҳи пушти панҷаи пои росташ варами бофтаҳои нарм гирифтааст, ки мансуби зарар ба саломатӣ намебошад.

Диспозитсияи моддаи 116 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро бо аломати лату кӯб ё содир намудани ҳаракати дигари зӯроварӣ, ки дарди ҷисмонӣ расонидаанд, вале боиси оқибатҳои дар моддаи 112 Кодекси зикршуда нагардидаанд, пешбинӣ кардааст.

Вале суди марҳилаи якум ба маводи парванда, нишондоди ҷабрдида, шоҳидон ва санади тиббӣ-судӣ аз 15 майи соли 2020, тахти №399 ҳаматарафа баҳои ҳуқуқӣ надода, кирдори маҳкумшуда С.Ф.Р.-ро бо моддаи 112 Кодекси ҷиноятӣ банду баст карда, ӯро бо ин модда маҳкум намудааст, ки ин ҳолат аз нодуруст татбиқ кардани қонуни ҷиноятӣ шаҳодат дода, мутобиқи қисми 1 моддаи 412 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти баррасии парванда ба тариқи назоратӣ ҳолатҳое, ки дар моддаи 372 Кодекси мазкур нишон дода шудаанд, барои бекор кардан ё тағйир додани ҳукм асос шуда метавонанд.

Аз лиҳоз, бо таъиноти коллегияи сдӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суи Олӣ аз 8 декабри соли 2020 ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода, кирдори маҳкум аз моддаи 112 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моддаи 116 ҳамин Кодекс гузаронида, аз нав банду баст карда, дар дигар қисм бетағйир гузошта шуд.

*Ба ноболиғ нодуруст таъин намудани ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ*

Бо ҳукми суди ноҳия аз 7 июли соли 2020 ноболиғ О.А.С. бо моддаҳои 139 қисми 4 банди «а» ва 244 қисми 2 бандҳои «в, г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ:

-бо моддаи 139 қисми 4 банди «а» бо дастрасии моддаи 87 қисми 6 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 7 сол;

-бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои «в, г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 сол;

-дар асоси моддаи 67 қисми 3 ҳамин Кодекс аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳои

таъиншуда, ҷазои ниҳоӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 8 сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияи тарбиявии дорои низоми умумӣ таъин карда шудааст.

Зимни баррасии парванда дар марҳилаи назоратӣ муайян гардид, ки тибқи талаботи моддаи 87 қисми 6 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 13 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №6 аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон» (бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 22 декабри соли 2006 №10, аз 23 июни соли 2010 №14 ва аз 23 ноябри соли 2012 №3 ворид карда шудаанд) ба ноболиғоне, ки бори аввал ҷиноятҳои начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир намудаанд, ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда намешавад ва агар санксияи моддаи Қисми махсус ғайр аз ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дигар намуди ҷазоро пешбинӣ накарда бошад, он гоҳ суд ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набудаи дар Қисми умумии ҳамин Кодекс пешбинишударо дар доираи ҳаҷм ва муҳлатҳои пешбининамудаи Қисми умумии ҳамин Кодекс таъин менамояд.

Раводиди моддаи 244 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро дар намуди ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то ду ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол муқаррар намуда, ҷинояти мазкур мувофиқи моддаи 18 қисми 3 ҳамин Кодекс ҷинояти дараҷаи миёна эътироф мешавад.

Суди марҳилаи якум гарчанде ҳаракатҳои маҳкумро бо моддаҳои зикршуда дуруст банду баст карда бошад ҳам, аммо дар қисми хулосавии ҳукм ҳангоми таъин намудани ҷазо бо моддаи 244 қисми 2 КҶ талаботи моддаи 87 қисми 6 ҳамин Кодексро мадди назар намуда, нодуруст ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 сол таъин намуда, бо

дастрасии моддаи 67 қисми 3 Кодекси номбурда ҷазои таъиншударо ба ҷазои бо моддаи 139 қисми 4 КҶ таъиннамуда зам кардааст.

Далелҳои зикргардида, ҳамчун нодуруст татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ эътироф шуда, мувофиқи талаботи моддаҳои 372 ва 412 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои тағйир додани санади судӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 1 декабри соли 2020 ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода шуда, ба ноболиғ О.А.С. бо моддаи 244 қисми 2 бандҳои «в, г» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба муҳлати 1 сол муайян карда, дар асоси қисми 1 моддаи 69 Кодекси номбурда, ҷазои мазкурро ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз намуда, ҷазои ниҳоӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 7 солу 3 моҳ муайян карда, ҳукм дар дигар қисм бетағйир мононда шуд.

*Сабукии ҷазо барои ҷинояти авбошӣ*

М.М.А. бо ҳукми суди шаҳр аз 18 августи соли 2020 бо моддаи 237 қисми 2 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати ду сол таъин ва бо дастрасии моддаи 71 КҶ ҷазои таъингардида шартан татбиқ карда нашуда, як сол муҳлати санҷишӣ муқаррар карда шудааст.

Аз ҷониби суди марҳилаи якум М.М.А. барои он маҳкум гардидааст, ки бо маслиҳати пешакӣ бо ноболиғон М.Б.Т. ва Д.М.С. ҳангоми дар кӯчаи Ш. қарор доштанашон санаи 5 июни соли 2020 тахминан соати 18:40 дақиқа хурдсол Б.М.И.-ро дашномҳои қабеҳ ва лату куб намуда, тартиботи ҷамъиятиро муддати 15 дақиқа вайрон кардаанд.

Ҳамзамон онҳо баъди омадани хешу табори хурдсол Б.М.- Б.М.Б. ва М.М.Ф. дар ҷойи ҳодиса, бо мақсади баланд бардоштани нуфузи худ дар маҳалли зист, ҳаракатҳои ҷиноии худро идома дода, Б.М.Б. ва М.М.Ф-ро дашномҳои қабеҳ ва лату куб намуда, тартиботи ҷамъиятиро аз соати 17:00 дақиқа то соати 18:40 дақиқа вайрон кардаанд.

Зимни баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ муқарар гардид, ки мувофиқи талаботи банди 1 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2005 таҳти №1 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» диққати судҳо бо он ҷалб карда шудааст, ки бояд ҷазоро дар доираи пешбиникардаи моддаи қонуне, ки ҷавобгариро барои содир кардани ҷиноят пешбинӣ намудааст, мувофиқан аниқ аз рӯи қоидаҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуда, вазифадоранд онро ба асос гиранд, ки ҷазо на танҳо чораи маҷбуркунии давлатист, балки он ба мақсади барқарор намудани адолати иҷтимоӣ, ҳамчунин ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содир гардидани ҷиноятҳои нав чи аз тарафи маҳкумшудаҳо ва чи аз тарафи шахсони дигар, татбиқ карда мешаванд.

Тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 9 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахси ҷиноят содирнамуда бояд ҷазое таъин гардад ё чунин чораи дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноӣ раво дида шавад, ки барои ислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад.

Мувофиқи талаботи қисми 3 моддаи 60 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таъини ҷазо суд бояд хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор,

хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, ба назар гирад.

Раводиди моддаи 237 қисми 2 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоро дар намуди ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ намудааст.

Суди марҳилаи якум нисбати М.М.А. ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро бо дастрасии моддаи 71 КҶ таъин намудааст.

Аммо аз маводи парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, ки маҳкумшуда М.М.А. кирдорҳои ҷинояткоронаи худро мунтазам муддати 6-7 моҳ идома дода, дар мурофиаи судӣ худашро дар содир намудани ҷинояти мазкур гунаҳгор эътироф накардааст.

Бо назардошти ин, коллегияи кассатсионӣ ҳисоб кардааст, ки суди марҳилаи якум бармаҳал ба хулоса омада, нисбати маҳкумшуда бо дастрасии моддаи 71 КҶ ҷазои маҳрум сохтан аз озодиро шартан татбиқ накардааст.

Тибқи талаботи сархати панҷуми моддаи 372 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқии ҷазои таъиншуда ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда асос барои бекор кардани ҳукм мебошад.

Аз ин лиҳоз, бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 3 ноябри соли 2020 ҳукми суди марҳилаи якум бекор ва парвандаи ҷиноятӣ барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар фиристонида шуд.

### *Ба ҳолатҳои кор мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм нишон дода шудаанд*

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 5 августи соли 2020 ҳукми суди шаҳр аз 16 июни соли 2020 нисбати С.Т.Ш. бо моддаи 200

қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда, парванда барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар фиристонида шудааст.

Аз ҷониби суди марҳилаи якум С.Т.Ш. барои он маҳкум гардидааст, ки ӯ тахминан моҳи июни соли 2018, дар шаҳри Л. бо «Эшон» ном шахси ба тафтишот номаълум шиносоӣ пайдо карда, аз охирин пайваста барои истеъмоли шахсиаш ба маблағи 20-30 сомонӣ, маводи нашъадори навъи «ҳашиш» харидорӣ намудааст. Сипас, моҳи октябри соли 2018 С.Т.Ш. дар деҳаи С. ноҳияи Д., бо шаҳрвандон Р.Р.Ч. ва Ҳ.М. вохӯрда, бо таклиф ва хоҳиши онҳо барои бар ивази маблағи пулӣ аз «Эшон» ном шахс ба даст овардан ва ба соҳибияти Р.Р.Ч. ва Ҳ.М. додани воситаҳои нашъадори навъи «ҳашиш» розӣ шудааст. С.Т.Ш. тибқи маслиҳати пешакии кардааш бо Р.Р.Ч. ва Ҳ.М., ки охирин, яъне Р.Р.Ч. бо тахаллуси «Пири кор» ва Ҳ.М. бошад, бо тахаллуси «Сиган» тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ» ҳамчун миёнарав ва харидори шартӣ дар хариду фурӯши воситаҳои нашъадори навъи «ҳашиш» аз ҷониби кормандони оперативии РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалиёти оперативӣ ворид карда шудаанд, як маротиба воситаҳои нашъадори навъи «ҳашиш»-ро аз «Эшон» бо маблағи 500 сомонии аз харидорони шартӣ гирифтааш дар ҳудуди шаҳри Л. харидорӣ намуда, ба онҳо, яъне харидорони шартӣ Р.Р.Ч. ва Ҳ.М. додааст.

Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустӯҷуӣ аз ҷониби кормандони РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 октябри соли 2018 аз харидорони шартӣ Р.Р.Ч. ва Ҳ.М. 50,0 грамм воситаи нашъадори навъи «ҳашиш», ки аз С.Т.Ш. ба даст оварда буданд, бо тартиб додани санад дар шаҳри Д. гирифта шудааст. Манфиатдории С.Т.Ш. дар он мебошад, ки аз воситаҳои

нашъадори навъи «ҳашиш»-и харидорӣ намудааш як-ду миқдори онро барои истеъмоли шахсиаш гирифта, истеъмол намудааст.

Мувофиқи хулосаи экспертӣ-судии Раёсати ташхисӣ (экспертӣ) криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №157 аз 25 феврали соли 2019 маводи аз С.Т.Ш. гирифташуда ба воситаҳои нашъадори навъи «ҳашиш» мансуб буда, вазни холиси он 50,0 грамм, 17,0 грамм мебошад.

Парванда дар марҳилаи кассатсионӣ баррасӣ ва муайян шудааст, ки тибқи талаботи қисми 2 моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содиршуда эътироф мешавад, ки агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд.

Мувофиқи банди 8 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №5 аз 12 декабри соли 2002 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки ба воситаҳои нашъадор, маводҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқаманданд» (бо тағйиру иловаҳо аз 24 феврали соли 2005, таҳти №2 ва аз 23 июни соли 2010, таҳти №15) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир намудани ҷиноят дар он ҳолат ҷой дошта метавонад, ки агар дар содир кардани он ду ва зиёда шахс иштирок карда, дар хусусӣ якҷоя содир намудани он кирдор пешакӣ маслиҳат карда бошанд. Шакли маслиҳат барои банду басти кирдор аҳамият надорад.

Тавре аз маводи парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, бо қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз 06 феврали соли 2019 нисбати С.Т.Ш. ва шахси ба тафтишот номаълум бо номи «Эшон» бо моддаи 200 қисми 3 банди

«в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст.

Инчунин, аз қарор дар бораи ба пешбурди алоҳида ҷудо намудани қисми маводи парвандаи ҷиноятӣ аз 28 марти соли 2019 дида мешавад, ки нисбати шахси ба тафтишот номаълум бо номи «Эшон» қисми маводи парвандаи ҷиноятӣ ба пешбурди алоҳида ҷудо карда шудааст.

Мувофиқи маводи парвандаи ҷиноятӣ мақомоти тафтиши пешакӣ ба С.Т.Ш. барои он айб эълон намудааст, ки ӯ аз рӯи маслиҳати пешакӣ бо Р.Р.Ч. бо тахаллуси «Пири кор» ва Ҳ.М. бо тахаллуси «Сиган», ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ» ҳамчун миёнарав ва харидори шартӣ дар хариду фурӯши воситаҳои нашъадор аз ҷониби кормандони оперативии РМЗҶМ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалиёти оперативӣ ворид карда шудаанд ва шахси ба тафтишот номаълум «Эшон» воситаҳои нашъадори навъи «ҳашиш»-ро 22 октябри соли 2018 вазни холисаш 7,5025 грамм, 30 октябри соли 2018 вазни холисаш 50,0 грамм, 07 ноябри соли 2018 вазни холисаш 17,0 грамм ва 28 ноябри соли 2018 вазни холисаш 21,1239 грамм аз «Эшон» гирифта, ба ивази маблағи пулӣ ба харидорони шартӣ додааст.

Ҳолатҳои мазкур дар 4 санади ба Ҳ.М. додани маблағҳои пулӣ-1000 сомонӣ, 3000 сомонӣ, 2000 сомонӣ ва 1000 сомонӣ барои харидани маводи нашъадори «ҳашиш», 4 санади гирифтани ин маводи нашъадор аз охирон, хулосаҳои ташхиси кимиёвӣ низ нишон дода шудаанд.

Оид ба ҳолатҳои зикргардида С.Т.Ш. дар рафти тафтишоти пешакӣ ба сифати гумонбаршуда нишондод додааст, ки охирҳои октябри соли 2019 харидорони шартӣ ба ҷои кораш бо автомашина омаданд. Ӯ то омадани онҳо

«Эшон»-ро дида гуфтааст, ки харидорон ба маблағи 500-600 сомонӣ маводи нашъадор мехаранд ва бегоҳӣ вақти намози шом меоянд. Сипас, ӯ аз харидори шартӣ Р.Р.Ч. 500 сомониро гирифта, аз назди онҳо пинҳонӣ ба назди «Эшон», ки ба онҷо маводи нашъадорро оварда буд, рафта, маблағро дода, маводро гирифта, ба харидори шартӣ додааст. Ӯ баъдан ба «Эшон» занг зада, гуфтааст, ки онҳо боз ба 500 сомонӣ харидан мехоҳанд, вале охирон ҷавоб додааст, ки ҳоло надорад, агар лозим шавад, занг занад, оварда медиҳад.

Инчунин, рӯзе, ки харидорони шартӣ ба наздаш омада пурсиданд, ки ба 10-15 ҳазор сомонӣ маводи нашъадори чарс мехаранд, ӯ ба «Эшон» дар ин хусус гуфтааст, охирон ҷавоб додааст, ки ба маблағи 500-600 сомонӣ ёфта метавонад.

Ҳангоми пурсиш ба сифати айбдоршаванда С.Т.Ш. нишон додааст, ки маводи нашъадорро ба маблағи 500 сомонӣ аз «Эшон» пешакӣ харида, дар дасти худ нигоҳ доштааст ва онро ба харидори шартӣ Р.Р.Ч. ба маблағи 500 сомонӣ фурӯхтааст.

Мутобиқи сархати панҷуми банди 7 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳукми судӣ» №33 аз 24 декабри соли 2010 бо тағйиру иловаҳо аз 14 июни соли 2018 №32 дар сурати тағйир додани нишондодҳое, ки судшаванда дар рафти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ додааст, суд, судя вазифадоранд, ки ин ва дигар нишондодҳоро аниқ санҷида, сабабҳои тағйир додани онҳоро муайян карда, ба онҳо дар маҷмуъ бо дигар далелҳои парванда баҳои ҳуқуқӣ диҳанд.

Аммо суди марҳилаи якум, сабабҳои тағйир додани нишондодҳояшро аз ҷониби С.Т.Ш. муайян накарда, ҳангоми муҳокима намудани аломати бандубасткунандаи аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ба

соҳибияти каси дигар додани воситаҳои нашъадор, ба нишондодҳои С.Т.Ш. оиди аз рӯи маслиҳати пешакӣ бо «Эшон» воситаҳои нашъадорро ба харидорони шартӣ фурӯхтан, дар ҳукм баҳои ҳуқуқӣ надодааст.

Ба ғайр аз ин, суди марҳилаи якум дар қисми асосноккунии ҳукм ба хулоса омадааст, ки як қисми лаҳзаҳои айби эълонгардида оид ба маводи навъи «ҳашиш» ба андозаи 7,5025 грамм аз 22 октябри соли 2018, 17,0 грамм аз 07 ноябри соли 2018, 21,1239 грамм аз 28 ноябри соли 2018, ки аз шахсони ба мақомоти корҳои дохилӣ мусоидаткунанда Р.Р.Ч. бо тахаллуси «Пири кор» ва Ҳ.М. бо тахаллуси «Сиган» гирифта шуда, доир ба онҳо санад тартиб дода шудааст, гунаҳгории С.Т.Ш.-ро дар содир намудани ҷиноят тасдиқ накарда, ин ҳолат ба тағйир ёфтани банду басти кирдор оварда намерасонад ва айбдориро дар ин қисмат беасос ҳисобидааст.

Ҳамзамон, дар қисми баёнии ҳукми суд қайд намудааст, ки маводи дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба воситаи шахсони ба мақомоти корҳои дохилӣ мусоидаткунанда Р.Р.Ч. бо тахаллуси «Пири кор» ва Ҳ.М. бо тахаллуси «Сиган» аз С.Т.Ш. гирифташуда, ба воситаҳои нашъадори навъи «ҳашиш» мансуб буда, вазни холиси он 50,0 грамм, 17,0 грамм мебошад.

Дар баробари ин, суд бандубасти айбдории С.Т.Ш.-ро тағйир дода, кирдори ӯро аз банди «в» қисми 3 моддаи 200 КҶ ба қисми 1 ҳамин модда аз нав банду баст кардааст.

Ҳолатҳои дар боло зикршуда аз яктарафа ва нопурра будани тафтиши судӣ, мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда, ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ва нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ шаҳодат дода, дар асоси сархатҳои якум-чоруми моддаи

372 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бо тартиби кассатсионӣ бекор кардани ҳукм шуда метавонанд.

Бо назардошти ҳолатҳои дар боло овардашуда, ҳукми суди марҳилаи якум бекор ва парванда барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд, дар ҳайати дигар фиристода шуд.

*Сабукии ҷазо барои содир намудани ҷинояти одамкушӣ*

Бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 26 августи соли 2020 ҳукми коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии суди вилоят аз 25 июни соли 2020, ки бо он ноболиғ М.Д.Д. бо моддаи 104 қисми 2 бандҳои «в, и» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста, бо ин модда ва бо дастрасии моддаҳои 63, 87 ҳамин Кодекс ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 6 сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ таъин карда шудааст, бекор гардид.

Ноболиғ М.Д.Д. барои он маҳкум гардидааст, ки ӯ солҳои 2013-2015 ҳангоми дар муассисаи таълимии ғайридавлатии «Мактаби П.П.» таҳсил намуданаш бо ноболиғ А.Д.А., таваллудаш 5 июни соли 2002 шинос гаштанд. Тахминан миёнаҳои моҳи майи соли 2019 дар заминаи ба бозиҳои варзишии пулакии букмекерӣ ба воситаи телефони мобилӣ машғул шудани ноболиғ А.Д.А. ва мавриди ин бозиҳо ба охирон фиристодани паёмакҳо (смс) аз ҷониби М.Д.Д., гӯё он боиси бохти пулиаш ба миқдори 7000 доллари ИМА гаштааст, байни онҳо хусумат ва ғараз пайдо мешавад. Ноболиғ А.Д.А. ҳамон вақт М.Д.Д.-ро гунаҳгори асосии аз 7000 доллари ИМА маҳрум гаштанаш дониста, ба ин миқдор маблағ охиронро қарздори худ ҳисобида, талофии онро талаб кардааст.

Ба ғайр аз ин, ноболиғ А.Д.А. тахминан охирҳои моҳи январи соли 2020 аз ҳисоби хароҷотҳои қаблан дар давоми моҳҳои май-декабри соли 2019 якҷоя бо ноболиғ М.Д.Д. дар ошхонаю тарабхонаҳо ва марказҳои бозиҳои компютерӣ сарф кардаашон, ӯро боз ба маблағи 2000 доллари ИМА, ҳамагӣ ба маблағи 9000 доллари ИМА қарздор ҳисобида, пардохт кардани онҳоро талаб намудааст. Ноболиғ М.Д.Д. ваъда медиҳад, ки моҳи июни соли 2020 ин маблағҳоро пардохт менамояд. А.Д.А. ба пешниҳоди ноболиғ М.Д.Д. розӣ нашуда, шарт мегузорад, ки дар ин муҳлат ба маблағи қарздориаш боз 7000 доллари ИМА зам мешавад ва аз ҳамин сабаб муҳлати охирини пардохтро моҳи апрели соли 2020 муқаррар мекунад. Баҳри рӯёнидани маблағи 16000 доллари ИМА ноболиғ А.Д.А. дар давоми моҳҳои феврал-марти соли 2020 мунтазам ва пайваста бо таҳқиру таҳдидҳо аз М.Д.Д. пардохти маблағҳои зикршударо талаб мекунад. Охирин имконнопазирии иҷрои онро дарк карда, барои аз ин вазъият баромадан бо нияти ғаразнок, яъне бо мақсади аз қарз халос шудан тахминан охирҳои моҳи марти соли 2020 аз бозор корд харида, дар манзили истиқоматиаш нигоҳ доштааст. Сипас, баҳри амалӣ намудани куштор А.Д.А-ро 02 апрели соли 2020 бегоҳирӯзӣ ба назди манзили истиқоматиаш, воқеъ дар суроғаи ноҳияи Б. даъват кардааст. Ҳамон рӯз тахминан соати 19.55 дақиқа А.Д.А. ба онҷо омада, дар ин бора ба охирон тариқи телефон хабар расонидааст. М.Д.Д. бо корд мусаллаҳ гашта, ба кӯча баромада, бо А.Д.А. вохӯрда, бо баҳонаи аз хонаи хешаш маблағи пулиро гирифта додан, А.Д.А.-ро ба ҷойи беодам, назди хонаи сохтмонаш нотамом оварда, аз ҷайбаш кордро гирифта, бо мақсади куштани шахси баръало ноболиғ А.Д.А. қасдан якчанд маротиба ба қафаси сина ва дигар қисматҳои бадани охирон зарбаҳои халандаю буранда

мезанад. Дар натиҷа, аз зарбаҳои бо корд расонидаи ноболиғ М.Д.Д., ноболиғ А.Д.А. аз ҷароҳатҳои гирифташуда дар ҷои ҳодиса ба ҳалокат расидааст.

Мувофиқи хулосаи экспертизаи тиббӣ-судӣ таҳти №26 аз 07 апрели соли 2020 марги А.Д.А. аз хунравии шадиди дарунӣ ва берунӣ, ки дар натиҷаи захмҳои халандаю бурандаи воридшавандаи қафаси сина бо расонидани осеб ба дил ва ҳарду шушҳо ба вуҷуд омадааст, фаро расидааст. Ҳамчунин мувофиқи хулосаи мазкур дар маҷмуъ дар тани ҷасад 33 адад захмҳои халандаю буранда дарёфт карда шудааст, ки 3 адади онҳо воридшаванда ба қафаси сина мебошад. Ин ҷароҳатҳо бо аломати хавфнокиаш ба ҳаёти инсон ҳамчун ҷароҳати вазнин ба саломатӣ расонидашуда мансуб дониста шуда, сабаби марги ноболиғ А.Д.А. гардидаанд.

Зимни баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ муайян гардид, ки мутобиқи талаботи моддаи 377 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда чунин ҷазо номувофиқ дониста мешавад, ки агар он аз доираи пешбиникардаи қонуни ҷиноятӣ берун набаромада бошад ҳам, вале аз рӯи намуд ва андозаи худ, чӣ аз ҷиҳати сабукӣ ва чӣ аз ҷиҳати вазниниаш баръало беадолатона мебошад.

Тибқи далелҳои парвандаи ҷиноятӣ ноболиғ М.Д.Д. бо мақсади содир намудани куштори ноболиғ А.Д.А. махсус аз бозор корд харида, онро дар хонаи истиқоматиаш нигоҳ доштааст. Сипас, ҷабрдидаи ноболиғ А.Д.А.-ро ба ҷои камодам ва барои худаш мувофиқ оварда, бо корд 33 зарба ба узвҳои бадани барои ҳаёт муҳими ҷабрдида расонида, ӯро ба даруни ҷуйбор тела дода, аз ҷои ҳодиса ғайб задааст, ки дар натиҷа охирон ба ҳалокат расидааст.

Ҳолатҳои мазкур аз хавфнокии баланди ҷамъиятии кирдори содирнамудаи ноболиғ М.Д.Д. ва номувофиқии ҷазои таъингардида ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти ӯ шаҳодат дода, мутобиқи талаботи сархати панҷуми моддаи 372 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор кардани санади судӣ шуда метавонад.

Аз ин лиҳоз, ҳукми суди марҳилаи якум бекор ва парвандаи ҷиноятӣ барои баррасии нави судӣ ба ҳамон суд дар ҳайати дигар фиристода шуд.

*Нодуруст муқаррар намудани низоми адои ҷазо*

Бо ҳукми суди ноҳия аз 12 марти соли 2020 Х.Ё.М. бо моддаи 247 қисми 4 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо ин модда ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 10 сол, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳлати 4 сол, дар асоси талаботи қисмҳои 3 ва 6 моддаи 67 ҳамин Кодекс аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо роҳи пурра зам кардани ҷазоҳои бо ҳукми суди ноҳия аз 19 сентябри соли 2018 таъингардида, ҷазои ниҳоӣ дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 10 сол бо ҷарима ба андозаи 400 нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 20000 сомонӣ, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳлати 4 сол, бо адо кардани ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низомаш сахт таъин карда шудааст.

Дар рафти баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ муайян гардид, ки тибқи талаботи моддаи 58 банди 5 зербанди «в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсоне, ки бори аввал бо маҳрум сохтан аз озодӣ барои қасдан содир намудани ҷиноятҳои вазнин маҳкум шудаанд

дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми пурзӯр таъин мешавад.

Аммо суди марҳилаи якум меъёри ҳуқуқи моддии дар боло зикргардидаро мадди назар карда, нисбати Х.Ё.М., ки барои ҷинояти вазнин бори аввал ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, колонияи ислоҳии дорои низоми сахт таъин намудааст ва ин ҳолат мувофиқи талаботи сархати чоруми қисми 1 моддаи 372 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси тағйир додани ҳукми судӣ мегардад.

Инчунин, тавре аз маводи парванда бармеояд, маҳкумшуда ҷавон буда, ба гуноҳаш пурра иқрор ва аз кирдори содиркардааш сидқан пушаймон мебошад ва барои кушодани ҷиноят мусоидат намудааст. Вале суди марҳилаи якум ба ҳолатҳои сабуккунандаи мазкур баҳои ҳуқуқӣ надода, ба Х.Ё.М. ҷазои иловагии маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкоиро ба муҳлати чор сол таъин кардааст.

Аз ин рӯ, бо назардошти ҳолатҳои сабуккунандаи дар боло нишондода бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 7 июли соли 2020 ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода, ҷазои иловагии ба Х.Ё.М. бо моддаи 247 қисми 4 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъингардида ба муҳлати 3 сол ва адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати ӯ дар колонияи ислоҳии дорои низоми пурзӯр муайян карда, ҳукм дар дигар қисм бетағйир мононда шуд.

*Риоя накардани пайдарҳамии татбиқи Қонуни авф*

Бо ҳукми суди шаҳр аз 10 июли соли 2020 М.Н.С. бо моддаи 247 қисми 4 банди «б» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 10 сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои

ислоҳии дорои низоми пурзӯр, бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои бо муносибатҳои моливу пулӣ адоқаманд дар ташкилоту муассисаҳои давдатӣ ба муҳлати 3 сол таъин ва дар асоси сархати сеюми моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019, таҳти №1648 муҳлати адонагардидаи ҷазо нисбати ӯ аз се як ҳисса кам карда шудааст.

Зимни баррасии павранда дар марҳилаи кассатсионӣ бо омӯзиши маводи парвандаи ҷиноятӣ муайян гардид, ки М.Н.С. аз моҳи декабри соли 2011 то моҳи апрели соли 2013 барои гӯё пардохти маблағи қарз ба А.Д.М. аз М.Н.С. дар якчанд ҳолат, ҷамъ ба маблағи 24800 доллари ИМА гирифта, ваъда медиҳад, ки онҳоро ба А.Д.М. дода, хонаи ӯро аз гарав озод мекунад. Лекин маблағҳои мазкурро гирифта, хонаи М.Н.С-ро аз гарав озод намекунад.

Ҳолати зикргардида аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷинояти қалобии содирнамудаи М.Н.С. моҳи апрели соли 2013 хотимаёфта ба шумор меравад. Аммо, суди марҳилаи якум ба ин ҳолат баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода, нисбати М.Н.С. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019-ро татбиқ намудааст, ки чунин хулосабарории суди марҳилаи якум ба далелҳои парвандаи ҷиноятӣ мувофиқат намекунад. Зеро, тибқи маводи парванда ҷинояти содирнамудаи М.Н.С. то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 29 октябри соли 2014 таҳти №1130 хотима ёфтааст.

Аз ин рӯ, бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 29 сентябри соли 2020 ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода, дар асоси сархати сеюми моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» аз 25 октябри соли 2019, таҳти №1648 аз се як ҳисса кам кардани муҳлати адонагардидаи ҷазои М.Н.С. ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф»

29 октябри соли 2014, тахти №1130 иваз карда, дар асоси талаботи сархати дуюми моддаи 7 Қонуни мазкур ҷазои адонагардидаи М.Н.С. аз се як ҳисса кам карда, ҳукми суд дар дигар қисм бетағйир мононда шуд.

*Аз мухлати муқаррарнамудаи моддаи 310 КМҶ зиёд таъин кардани ҷазо*

Бо ҳукми суди ноҳия аз 20 марти соли 2020 С.Ф. бо моддаи 244 қисми 2 банди «а, б, в» КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мухлати 3 солу 6 моҳ, бо адо кардани ҷазо дар колонияи ислоҳии низомаш сахт таъин карда шудааст.

Дар вақти баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ муайян гардида, тибқи талаботи қисми 6 моддаи 310 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар суд, судя муайян намояд, ки айби эътирофнамудаи судшаванда асоснок буда, бо далелҳои ҷамъовардашуда оид ба парванда тасдиқ мегардад, ҳукми айбдоркунӣ бароварда, нисбати судшаванда ҷазо таъин мекунад. Зимнан ҷазои таъиннамудаи суд аз се ду ҳиссаи мухлат ё андозаи ҷазои баландтарини барои ҷиноятҳои содиршуда пешбинигардида зиёд буда наметавонад.

Суди марҳилаи якум бошад, ҷазоро нисбати маҳкумшуда аз меъёри пешбининамудаи Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ зиёд таъин намудааст, ки тибқи талаботи сархати чоруми моддаи 372 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳолат нодуруст татбиқ карда шудани Қонуни ҷиноятӣ дониста шуда, асос барои тағйир додани ҳукм мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ аз 16 июли соли 2020

ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода шуда, ба маҳкум ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати 3 солу 4 моҳ муайян гардид.

*Муҳокима накардани татбиқи моддаи 78 КҶ*

Бо ҳукми суди шаҳр аз 19 июни соли 2020 Н.Б.Т. бо моддаи 237 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати як сол бо адои ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми умумӣ таъин гардида, бо дастрасии моддаи 71 ҳамин Кодекс ҷазои таъингардида шартан татбиқ карда нашуда, як сол муҳлати санҷишӣ таъин карда шудааст.

Н.Б.Т. барои он гунаҳгор дониста маҳкум карда шудааст, ки ӯ рӯзи 17 марти соли 2020 тахминан соатҳои 18:00 дақиқа ҳангоми дар кӯчаи И. қарор доштанаш, бо шаҳрванд Б.И.Ғ. бинобар сар задани баҳсу мунозира, ҷангу ҷанҷол намуда, номбурдаро мавриди лату куб қарор додаст, ки дар натиҷа тартиботи ҷамъиятӣ муддати 5-10 дақиқа дағалона вайрон гардидааст.

Мувофиқи хулосаи судии тиббӣ таҳти аз 19 майи соли 2020, №-318 ҷароҳатҳои ҷисмонии бадани шаҳрванд Б.И.Ғ. дар намуди хуномос, ҳамчун ҷароҳати бо расонидани зарар ба саломатӣ ҳамбастагӣ надошта мансуб дониста шудааст, чунки чунин ҷароҳатҳо зудгузаранда буда, ҷисми инсонро одатан муддати то 6-7 шабонарӯз ноором месозад.

Дар рафти баррасии парванда дар марҳилаи кассатсионӣ муайян гардид, ки мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 9 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахси ҷиноят содирнамуда бояд ҷазое таъин гардад ё чунин чораи дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноӣ раво дида шавад, ки

барои ислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад.

Тавре аз маводи парвандаи ҷиноятӣ бармеояд, суди марҳилаи якум ҳангоми таъини ҷазо нисбати Н.Б.Т. гарчанде ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук мекунад ва шахсияти ӯро, ки бори аввал ҷиноят содир намудааст, ба инобат гирифта бошад хам, вале он ҳолатро ба инобат нагирифтааст, ки маҳкумшуда кудаки хурдсол – Н.Б.М., таваллудаш 28 январи соли 2014, ки ба синни 8 солагӣ расидааст, дорад.

Мувофиқи қисми 1 моддаи 78 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон занони дорои фарзандони то синни ҳаштсоларо ба истиснои заноне, ки барои ҷиноятҳои махсусан вазнин маҳкум гардидаанд, суд метавонад то ҳаштсола шудани кӯдак адои ҷазоро нисбати онҳо мавқуф гузорад.

Аз лиҳоз, бо назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он, шахсияти маҳкумшуда Н.Б.Т., ки бори аввал ҷиноят содир намудааст бо таъиноти коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Сди Олӣ аз 11 августи соли 2020 ҳукми суди марҳилаи якум тағйир дода, бо дастрасии моддаи 78 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон адои ҷазои нисбати маҳкумшуда Н.Б.Т. таъингардида, то ба синни 8 солагӣ расидани кудаки хурдсолаш – Н.Б.М., таваллудаш 28 январи соли 2014 мавқуф гузошта шуд.

Ҳолатҳои дар боло овардашуда ва зимни таҳлили фаъолияти судҳо дар самти бекоршавӣ ва тағйирёбии санадҳои судӣ муайянгардида тақозо менамоянд, ки дар мавриди амалӣ намудани адолати судӣ вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷониби судяҳо талаботи қонунгузории мурофаивии ҷиноятӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардида, далелҳои

бо парванда ҷамъоварда мавриди таҳқиқӣ ҳамаҷониба қарор дода шуда, бо назардошти ҳолатҳои воқеан ва холисона муқараршуда, қарори қонунӣ ва асоснок қабул карда шавад.

Бо назардошти ин, пешниҳод карда мешавад, ки ҷамъбастии мазкур дар машғулияти навбатии семинарӣ бо иштироки судяҳо мавриди муҳокима қарор гирифта, нусхаи он барои корбарӣ, ба инобат гирифтан, бартараф ва пешгирӣ намудани камбудиҳои ҷойдошта ба судҳои ҷумҳурӣ ирсол карда шавад.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои ҷиноятии Суди Олӣ**

# Ҷ А М Ъ Б А С Т И
## амалияи судӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҳангоми ҳалли парвандаҳои оилавӣ вобаста ба аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ

Ҷиҳати иҷроиши банди 12-и нақшаи кории Суди Олӣ барои нимсолаи якуми соли 2021 таҷрибаи баррасии парвандаҳои оилавӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҳангоми ҳалли баҳсҳои аъзои оилаи молик донистан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, ки дар судҳои ҷумҳурӣ дар давраи соли 2020 баррасӣ шудаанд, ҷамъбастӣ гузаронида шуд.

Мақсад аз гузаронидани ҷамъбастии мазкур, омӯзиши таҷрибаи судӣ вобаста ба баррасии парвандаҳои оилавӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҳангоми ҳалли баҳсҳои аъзои оилаи молик донистан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, дар оянда таъмин намудани беҳбудии фаъолияти судҳо марбут ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, ҳангоми ҳалли ин намуди парвандаҳо мебошад.

Дар давраи соли 2019 дар судҳои ҷумҳурӣ ҳамагӣ 2612 парвандаҳои оилавӣ оид ба маскун намудан ба манзили истиқоматӣ ва дар давраи соли 2020 ҳамагӣ 2740 адад чунин парвандаҳо баррасӣ гардидааст, ки дар давраи соли 2020 нисбат ба давраи соли 2019 ҳамагӣ 128 адад парвандаҳо бештар шудааст. Дар давраи соли 2019 аз 2612 парвандаҳои оилавии баррасӣ гардида, 1606 адади онҳо бо қонеъ кардани даъво ҳалномаҳои судӣ қабул гардидааст. Яъне 61,49 фоизи парвандаҳои воридгардида қонеъ

кунонида шудааст. Дар давраи соли 2020 бошад аз 2740 адад парвандаҳои оилавии баррасигардида, 1686 адади онҳо бо қонеъ кардани даъво ҳалномаҳои судӣ қабул гардидааст, ки 61,53 фоизи парвандаҳои воридгардидаро ташкил медиҳад.

Дар давраи соли 2019 аз 1606 адади парвандаҳои мазкур 628 адад ва дар давраи соли 2020 бошад аз 1686 адад парвандаҳо дар мурофиаҳои сайёри судӣ баррасӣ гардидаанд, ки ин фаъолияти судяҳо бо мақсади дар байни аҳоли фаҳмонидани риояи қонунҳо, одобу ахлоқи оиладорӣ ва тарбияи ҳуқуқи дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии кӯдакон ва дигар аъзоёни оила ҳангоми баррасии баҳсҳо равона гардидааст.

Тибқи талаботи моддаи 34-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон масъул мебошанд. Ин масъулият аз андешидани тадбирҳое иборат аст, ки бештар ба ҳимояи манфиатҳои кӯдакон ва муҳайё кардани шароите нигаронида шудаанд, ки барои таъмину тарбияи дурусти кӯдакон мусоидат кунад. Бо манзили зист таъмин гардидани кӯдак барои таъмину тарбияи дурусти ӯ мусоидат мекунад.

Дар моддаи 25 Эъломияи ҳуқуқи башар аз ҳимояи иҷтимоии баробар бархурдор шудани ҳамаи кӯдакон, сарфи назар аз он ки дар ақди никоҳ ё берун аз он таваллуд шудаанд, муқаррар шудааст.

Мувофиқи талаботи қисми 4, моддаи 65 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои истиқомати кӯдак дар сурати ҷудо зиндагӣ кардани падару модар бо мувофиқаи

байни онҳо муқаррар карда мешавад. Дар сурати набудани мувофиқа, баҳси падару модарро суд дар асоси манфиати кӯдакон ва бо назардошти фикру хоҳиши онҳо ҳал менамоянд.

Ҷамъбастии гузаронидашуда нишон дод, ки судҳо ҳангоми ҳалли баҳсҳои оилавӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои манзилии кӯдакон ҳангоми ҷудо зиндагонӣ кардани падару модар кушишҳо карда дар вақти ҳалли баҳсҳои аъзои оила донистан ва маскун кардан ба манзил бо риояи меъёрҳои моддаҳои 34-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 121-122 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисми 4, моддаи 65-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо санадҳои судии қонунию асоснок қабул кардаанд.

Аз талаботи қисми 1-и моддаи 57 КО Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки кӯдак ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ, аз ҷумла ҳуқуқ барои дар манзили зист истиқомат кардан дорад. Ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакро падару модар (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс, мақомоти васояту парасторӣ, прокурор ва суд ҳимоя мекунанд.

Тибқи талаботи моддаҳои 121 ва 122-и Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои оилаи молик ҳамсар ва фарзандони ҳамроҳашон доими сукунатдошта ҳисоб меёбанд. Волидони зану шавҳар ва фарзандони онҳо, ки соҳиби оилаи худ мебошанд ва бо молик муқими зиндагӣ мекунанд, танҳо бо розигии тарафҳо метавонанд аъзои оилаи молик дониста шаванд.

Аъзои оилаи молик, ки дар бинои истиқоматиаш (квартирааш) ҷой дода шудаанд, ҳақ доранд баробари ӯ аз

манзили истиқоматии бино, агар ҳангоми ҷойгир шудан тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, истифода баранд. Онҳо ҳуқуқ доранд, ки дар хонаи барояшон ҷудонамудаи молик фарзандони ноболиғи худро ҷой диҳанд. Ҷойгир кардани дигар аъзоёни оилаи онҳо танҳо бо розигии молик имконпазир аст. Ин ашхос ҳуқуқи истифодаи хонаро дар мавриди қатъ гардидани муносибати оилавӣ бо молик низ нигоҳ дошта, вале уҳдадоранд хароҷоти нигоҳдошти бино (квартира), рӯи ҳавли ва таъмири асосиро пардозанд.

Аз омӯзиши парвандаҳои таҳти ҷамъбастӣ қарордодашуда муайян гардид, ки қариб ҳамаи даъвогарони баҳсҳо дар бораи аъзои оилаи молик донистан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ дорои фарзандони ноболиғ буда ва судҳо ҳангоми қонеъ кардани даъвои онҳо талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар боло зикргардида марбут ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон ба манзилро ба инобат гирифта парвандаҳоро дар доираи чорчубаи қонун сари вақт баррасӣ карда, санадҳои судии қонунию асоснок қабул кардаанд.

Масалан: Ш.Ш.Х. бо аризаи даъвогӣ ба ҷавобгарии Б.Р.С. ва Б.С.С. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, санаи 18 марти соли 2020 ба суди шаҳр муроҷиат кардааст. Бо ҳалномаи суди шаҳр аз 5 июни соли 2020 аризаи даъвогии зикргардидаи Ш.Ш.Х. қонеъ гардонида шуда, ӯ бо ҳамроҳии фарзанди ноболиғаш Б.И.Р. ба манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Ҳ., Ҷамоати шаҳраки Ш., кӯчаи С. ба ҳуҷраи зисти масоҳаташ 12,4 м.м. бо ҳуқуқи истифодабарии иншоотҳои ёрирасон – анҷомхона,

ҳоҷатхона, ҳамом, ошхона, роҳрав ва даҳлез маскун карда шудаанд.

Ё ин ки, А.Д.А. ба ҷавобгарии А.А. ва А.М.А. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, санаи 26 декабри соли 2019 ба суди ноҳия муроҷиат кардааст. Бо ҳалномаи суди ноҳия аз 11 марти соли 2020 аризаи даъвогии зикргардидаи А.Д.А. қонеъ гардонида шуда ӯ бо ҳамроҳии фарзанди ноболиғаш М.Б.М. ба манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи З., Ҷамоати шаҳраки М., кӯчаи Я., хонаи №60 ба ҳуҷраи зисти масоҳаташ 17,10 м.м. бо ҳуқуқи истифодабарии иншоотҳои ёрирасон – мабраз, ошхона, роҳрав ва дарвозахона маскун карда шудаанд.

Мисоли дигар: С.З.Ҷ. ба ҷавобгарии Б.З.У. ва Б.А.У. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, санаи 20 июли соли 2020 ба суди ноҳия муроҷиат кардааст. Бо ҳалномаи суди ноҳия аз 20 октябри соли 2020 аризаи даъвогии номбурдаи С.З.Ҷ. қонеъ гардонида шуда ӯ бо ҳамроҳии 4 нафар фарзандони ноболиғаш ба манзили истиқоматии воқеъ дар ноҳияи М., Ҷамоати шаҳраки М., кӯчаи С., хонаи №1 ба ҳуҷраи зисти масоҳаташ 18,3 м.м. бо ҳуқуқи истифодабарии иншоотҳои ёрирасон – ошхона, ҳамом ва ҳоҷатхона маскун карда шудаанд.

Аз мазмуни ҳалномаҳои суди аз руи парвандаҳои зикргардида бармеояд, ки ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони тарафҳо дар санадҳои судии мазкур дар madди аввал гузошта шудаст.

Ҷамъбастии гузаронидашуда нишон дод, ки баъзан баҳсҳои мазкур аз ҷониби судяҳо бо вайрон кардани

меъёрҳои ҳуқуқи моддию мурофиавӣ ва бо роҳ додан ба кашолакорӣ баррасӣ гардидааст, ки он оқибат ба халалдор гардидани ҳуқуқҳои кӯдакон ва саргардонии падару модари онҳо оварда расонидааст.

Масалан: Бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 2020 ҳалномаи суди шаҳр аз 10 декабри соли 2019 аз рӯи даъвои Х.Ш.Ю. ба ҷавобгарии Х.И.Н. ва Х.С.Н. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун намудан ба манзили истиқомати бекор карда шуда, парванда барои баррасии нав ба суди шаҳр баргардонида шудааст.

Тавре аз маводи парванда бармеояд, суди шаҳр бо ҳалнома аз 10 декабри соли 2019 Х.Ш.Ю.-ро бо фарзанди ноболиғаш М. аъзои оилаи молик Х.И.Н. эътироф карда ба манзили истиқоматии ӯ воқеъ дар шаҳри Ҳ., Ҷамоати деҳоти Ҳ., деҳаи Ҳ. ба ҳуҷраи дарозиаш 8 м.м. ва паҳноиаш 4 м.м. маскун кардааст. Коллегияи кассатсионии Судӣ Олӣ муайян кардаст, ки ин хулосаи суди марҳилаи якум хилофи талаботи моддаи 200 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зеро суди марҳилаи якум нақшаи манзили истиқоматии баҳсиро талаб накарда муайян накардаст, ки манзили истиқоматии баҳсӣ аз чанд ҳуҷра иборат буда ва ҳуҷрае, ки Х.Ш.Ю. бо фарзандаш ба он маскун карда шудаст, воқеан вуҷуд дорад ё не? Инчунин, суд ба ҳолатҳои муҳими парванда аҳамият надода умуман муайян накардааст, ки Х.Ш.Ю. бо шавҳару фарзандаш дар кадом ҳуҷраи манзили баҳсӣ зиндагонӣ карданд. Дар чунин будани ҳолати парванда ҳалномаи мазкур иҷронашаванда мегардад. Зеро суди марҳилаи якум оиди

дар асл вуҷуд доштани ҳуҷраи дарозиаш 8 м.м. ва паҳноиаш 4 м.м.-ро муайян накардаст.

Тибқи талаботи қисми 3 моддаи 198 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад.

Аз муҳтавои аризаи даъвогии Х.Ш. дида мешавад, ки ӯ аз суд пурсидааст, ки ӯро бо фарзандаш аъзои оилаи Х.С.Н. ҳисобида, дар манзили истиқоматӣ, воқеъ дар Ҷамоати деҳоти Ҳ., деҳаи Ҳ. бо истифодабарии биноҳои ёрирасон маскун кунанд. Суд бошад талаботи моддаи қисми 3, моддаи 198 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро мадди назар карда, оиди талаботи даъвогии Х.Ш. дар бораи аъзои оилаи ҷавобгар Х.С.Н. эътироф намудан, ягон санади судӣ қабул накардаст.

Мисоли дигар: Бо ҳалномаи суди шаҳр аз 21 августи соли 2019 Ш.Л.Х. бо ҳамроҳии ду нафар фарзандони ноболиғаш аъзои оилаи С.З.Я. эътироф гардида, ба манзили воқеъ дар шаҳри Т., Ҷамоати деҳоти Қ., деҳаи Ч. ба ҳуҷраи масоҳаташ 15,10 м.м. бо истифода аз иншоотҳои ёрирасон маскун карда шудаст. Аз санади иҷрочии Хадамоти иҷрои шаҳр аз 28 июли соли 2020 бармеояд, ки иҷроиши ҳалномаи зикргардида аз 21 августи соли 2019 ғайриимкон гардидааст.

С.З.О. ва Д.З.Қ. ба суди шаҳр бо дигар аризаи даъвогӣ муроҷиат карда хоҳиш намудаанд, ки Ш.Л.Х. бо фарзандонаш аз ҳуқуқи истифодабарии манзили дар боло номбурда маҳрум карда шаванд, зеро онҳо дар манзили мазкур гуйё муҳлати 4 сол зиндагонӣ накардаанд. Суди марҳилаи якум санади иҷрочии Хадамоти иҷрои шаҳр аз 28 июли соли 2020 дар бораи ғайриимкон будани иҷроиши

ҳалномаи суд аз 21 августи соли 2019 дар бораи маскун намудани Ш.Л.Х.-ро баҳои дурусти ҳуқуқӣ надода бо ҳалнома аз 5 октябри соли 2020 Ш.Л.Х.-ро бо ду нафар фарзандони ноболиғаш аз ҳуқуқи истифодабарии манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Т., Ҷамоати деҳоти Қ., деҳаи Ч. ғайриқонунӣ ва беасос маҳрум карда бо ин ҳуқуқҳои фарзандони ноболиғи Ш.Л.Х.-ро дағалона вайрон кардааст. Аз ин рӯ, дар асоси шикояти кассатсионии Ш.Л.Х. бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олӣ аз 14 декабри соли 2020 ҳалномаи суди шаҳр аз 21 августи соли 2019 қисман бекор карда шуда, бо қабули ҳалномаи нав аризаи даъвогии С.З.О. ва Д.З.Қ. дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиии номбурда рад карда шудаст. Суди Олӣ бо қабули қарори коллегияи кассатсионӣ аз 14 декабри соли 2020 камбудии роҳдодаи суди марҳилаи якум оиди вайрон гардидани ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони шаҳрванд Ш.Л.Х.-ро бартараф намудааст.

Далелҳои дар боло овардашуда исботи он мебошанд, ки бартараф намудани камбудиҳои суди марҳилаи якум аз ҷониби суди марҳилаи болои пеш аз ҳама бо мақсади ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҳангоми ҳалли баҳсҳои мазкур мебошанд.

Мисоли навбатӣ: Бо ҳалномаи суди ноҳия аз 17 марти соли 2017 даъвои Н.З. ба ҷавобгарии С.Ф., С.С.Ф. ва дигарон оиди аъзои оилаи молик эътироф намудан, маскун намудан ва ба қайди манзили истиқоматӣ гузоштан рад карда шудааст.

Бо қарори назоратии Суди Олӣ аз 24 январи соли 2019, ҳалномаи судии зикргардида бекор карда шуда,

парвандаи мазкур барои аз нав баррасӣ намудан ба суди ноҳия баргардонида шудааст. Ҳалномаи номбурда бо он асос бекор карда шудаст, ки суди марҳилаи якум ҳолатҳои парвандаро бо назардошти талаботи моддаи 121 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш ва таҳқиқ қарор надода, бармаҳал ба хулоса омада, даъвои Н.З.-ро рад кардааст. Суд ба он ҳолати парванда баҳои ҳуқуқӣ надодааст, ки аъзои оилаи молик, фарзандони ноболиғи ӯ дар ҳолати дигар шудани манзили молик, ҳуқуқи истифодабарии манзилро гум мекунанд ё не ва ё ҳамчун аъзои оила онҳо ҳуқуқи истифодабариашон нисбат ба манзили нави молик, ки аъзои оилаи ӯ буданд боқӣ мемонад. Дар ҳоле ки ҷавобгарон манзиле, ки Н.З. дар он ҳамчун аъзои оилаашон зиндагонӣ кардааст, фурӯхта манзили нав харидаанд ва дар ин манзил низ мувофиқи баёноташ бо хусуру хушдоманаш зиндагӣ кардааст.

Мисоли навбатӣ: Бо таъиноти маҷлиси судии суди шаҳр аз 23 ноябри соли 2018 баррасии парвандаи оилавӣ аз руи даъвои Б.Г.И. ба ҷавобгарии О.Д.П. ва О.Б.П. оиди аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба хонаи истиқоматӣ бинобар аз даъво даст кашидани даъвогар Б.Г.И. қатъ карда шудааст. Б.Г.И. бо он сабаб аз даъво кашидааст, ки ҷавобгар О.Д.П. хонаи истиқоматии баҳсиро ба писараш О.Б. гӯё ҳадя намудааст. Аммо дар маводи парвандаи оилавӣ ягон ҳуҷҷати хаттӣ оиди тасдиқи ин ҳолати парванда мавҷуд намебошад. Дар натиҷаи қатъ гардидани баррасии парвандаи мазкур бармаҳал буда, ҳуқуқҳои кӯдакони ноболиғи Б.Г.И. ба манзил вайрон карда шуда, онҳо бе ҷойи зист мондаанд.

Тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 43 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд даст кашидани даъвогарро аз даъво қабул намекунад, агар он ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор созад.

Аз маводҳои парванда бармеояд, ки суди шаҳр ҳангоми қатъ намудани баррасии парванда аз руи даъвои Б.Г.И. талаботи қисми 2-и моддаи 43 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро мадди назар карда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ду нафар кӯдакони Б.Г.И.-ро халалдор карда, ғайриқонунӣ баррасии парвандаи номбурдаро қатъ намудааст. Аз ин ру, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олӣ аз 4 июли соли 2019 таъиноти маҷлиси судии суди шаҳр аз 23 ноябри соли 2018 марбут ба баҳси зикргардида бекор карда шуда, парвандаи оилавӣ ба баррасии нави судӣ ба суди шаҳр баргардонида шудааст.

Мисоли навбатӣ: Бо ҳалномаи суди ноҳия аз 18 октябри соли 2018 М.З.С. бо ҳамроҳии ду нафар кӯдаконаш ба манзили зисти воқеъ дар суроғаи ноҳияи Ф., Ҷамоати деҳоти Ч., деҳаи Ч. ба ҳуҷраи масоҳаташ 18,3 м.м. маскун карда шудаст. Бо санади иҷрочии хадамоти иҷро аз 7 декабри соли 2018 М.З.С. бо кӯдаконаш ба манзили номбурда маскун карда шуда, ҳалнома ба иҷро расонида шудааст.

Минбаъд, С.Ҳ.Қ. нисбати М.З.С. бо аризаи даъвогӣ дар бораи маҳрум кардани ҳуқуқи истифодабарии манзилии М.З.С. бо кӯдаконаш аз манзили истиқоматии дар боло зикргардида ба суди шаҳр мурочиат кардаст. Бо ҳалномаи суди шаҳр аз 15 июни соли 2020 даъво қонеъ гардонида шуда, ҳуқуқи истифодабарии манзилии М.З.С.

бо кӯдаконаш аз манзили номбурда маҳрум карда шудаанд.

Аз санади тадқиқотии суди – тиббӣ аз 28 апрели соли 2019 таҳти №453 бармеояд, ки С.Ҳ.Қ. барои дар манзили истиқоматии маскунгардида истиқомат кардани М.З.С. монеагӣ карда, бо ҳамроҳии дигар аъзоёни оилааш охиронро зери лату куб қарор додаанд. Ҳамзамон, аз забонхати С.Ҳ.Қ. аз 19 ноябри соли 2018 бармеояд, ки ӯ ҷавобгар М.З.С.-ро озор дода барои аз ин манзил баромада рафтанаш сабабгор шудааст.

Суди марҳилаи якум бошад ба далелҳои зикргардида баҳои дурусти ҳуқуқи надода, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони М.З.С.-ро мадди назар карда, бармаҳал ба хулоса омада, ҳуқуқи истифодабарии манзилии М.З.С. бо кӯдаконашро ба манзили номбурда маҳрум кардааст. Бинобар ин, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 сентябри соли 2020 ҳалномаи суди ноҳия аз 15 июни соли 2020 аз руи даъвои С.Ҳ.Қ. нисбати М.З.С. дар бораи маҳрум кардани ҳуқуқи истифодабарии манзилии М.З.С. бо кӯдаконаш аз манзили истиқоматӣ бекор карда шуда, парванда барои аз нав баррасӣ намудан ба суди ноҳия баргардонида шудааст.

Дар асоси таъиноти суди ноҳия аз 26 октябри соли 2020 доир ба парвандаи оилавӣ бо аризаи даъвогии Ф.Ҷ.Б. ба ҷавобгарии А.М., А.К.М. ва А.Ю. дар бораи аъзои оила эътироф намудан ва маскун кардан ба хонаи истиқоматӣ бо роҳи ба қайд гузоштан, тарафҳо созиши оштӣ бастаанд.

Тибқи шартҳои он: А.К.М. уҳдадор гардидааст, ки Ф.Ҷ.Б. бо фарзандони ноболиғаш А.А. санаи таваллудаш

26 январи соли 2008, А.Н. санаи таваллудаш 2 апрели соли 2007 ва А.М. санаи таваллудаш 16 марти соли 2009 дар қайди манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Д., кӯчаи Р., хонаи 93/1 мегузорад. Ҳамзамон имкон медиҳад, ки даъвогар Ф.Ҷ.Б. ва фарзандонаш аз молу мулкашон, ки дар суроғаи шаҳри Д., кӯчаи Р., хонаи 93/1 дар литери 2А.1/хх, ҳуҷраҳои ба андозаи 11,6 м.м., 16,9 м.м., 10 м.м. ва даҳлез дар ҳаҷми 6 м.м. ҷойгир мебошанд, дидан намуда, рубучин шустушуй намуда, ҳуҷраҳои мазкурро бо қулф маҳкам намоянд.

Даъвогар Ф.Ҷ. ва фарзандонаш, пас аз Федератсияи Россия баргаштани шавҳараш А.Б. метавонанд дар он ҷо истиқомат намоянд.

Ф.Ҷ.бошад, аз талаботҳои ба суд пешниҳоднамудааш даст мекашад.

Аз маводи парванда маълум мегардад, ки аз соли 2005 Ф.Ҷ. келини хонавода ва фарзандонаш наберагони А.К.М. мебошанд. Аризаи даъвогии дар боло зикргардидаро бинобар ронда шуданашон аз хонаи истиқоматии баҳсӣ ва ҷои зист надоштан, пешниҳод намудааст.

Аз ҷониби суд масъалаи ба ҷои зист муҳтоҷ будани кӯдакони ноболиғ мавриди муҳокимаи судӣ қарор дода нашудааст.

Ҳолати мазкур далели он мебошад, ки созиши оштии бастаи Ф.Ҷ. ва А.К.М. ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони ноболиғи номбаршударо, барои бо ҷои зист таъмин намудан ва дар шароити мусоид тарбия ёфтан халалдор месозад.

Суд ҳамчун оқибати ногувории иҷро накардани шартҳои созиши оштӣ он ҳолатро тасдиқ намудааст, ки дар ҳолати аз тарафи ҷавобгар А.К.М. иҷро накардани шартҳои дар созишномаи мазкур муайян шуда, дар суди ноҳия парвандаи мазкур мавриди баҳси судӣ қарор дода мешавад.

Шарти мазкур ба талботи қонунгузории мурофиавӣ мухолиф буда, дар доираи талаботи моддаи 225 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии парванда бинобар бастани созиши оштӣ бояд қатъ карда шавад.

Ҳолати мазкур, далели он мебошад, ки баррасии парвандаи оилавии мазкур хотима наёфта, суд созиши оштиро мухолиф ба талаботҳои қисми 2 моддаи 43 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст. Зеро, аз муқаррароти ин меъёри ҳуқуқӣ бармеояд, ки суд созиши оштии тарафҳоро тасдиқ намекунад, агар он хилофи қонун бошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор созад.

Б.Ш.М. ба ҷавобгарии Ҷ.А. дар бораи аъзои оила эътироф намудан ва маскун намудан ба хонаи истиқоматӣ бо аризаи даъвогӣ ба суд бо он асос муроҷиат намудааст, ки санаи 15 марти соли 2004 бо Ҷ.А. ақди никоҳ бастааст. Пас аз маросими хонадоршавӣ, ӯ бо ризоияти соҳибмулк Ҷ.А. маскуни хонаи истиқоматии дар боло зикргардида гардида, то соли 2020 бо пешбурди хоҷагии умумӣ ва муқимӣ бо Ҷ.А. зиндагонӣ намуда, соҳиби се фарзанд: Ҷ.Х. санаи таваллудаш 22 ноябри соли 2008, Ҷ.М. санаи таваллудаш 7 ноябри соли 2012 ва М.М. санаи таваллудаш 16 декабри соли 2018 гардиданд.

Дар айни замон муносибатҳои оилавии онҳо қатъ гардида, ӯ ва фарзандонаш аз хонаи истиқоматиашон ронда шуда, онҳо муҳтоҷ ба ҷои зист мебошанд. Аз ин ру, Б.Ш.М. аз суд хоҳиш намудаст, ки ӯ ва фарзандонаш аъзои оилаи Ҷ.А. эътироф шуда, ба манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Ҷ., Ҷамоати деҳоти Ғ., кӯчаи Н., хонаи 6-а бо истифодаи хоҷагиҳои ёрирасон маскун карда шаванд.

Бо ҳалномаи суди ноҳия аз 1 декабри соли 2020 аризаи даъвогии дар боло зикргардидаи Б.Ш.М. қонеъ гардонида шуда, ӯ бо се фарзанди ноболиғаш аъзои оилаи Ҷ.А. эътироф гардида, ба як ҳуҷраи манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Ҷ., Ҷамоати деҳоти Ғ, кӯчаи Н., хонаи 6-а ба андозаи 18 м2. бо истифодаи хоҷагиҳои ёрирасон маскун карда шуданд.

Аз маводи парванда бармеояд, ки кӯдакон Ҷ.Х., Ҷ.М. ва М.М. гуногунҷинс буда, синнашон аз 7 зиёд аст. Манзили баҳси таҳти истифодаи Ҷ.А., ки падари кӯдакони мазкур мебошад ва боз чор ҳуҷраи истиқоматӣ боқӣ мондааст.

Ба як ҳуҷраи истиқоматӣ маскун намудани шахсони гуногунҷинси аз 7 сола калонтар, мухолиф ба меъёрҳои ахлоқӣ буда, ба такомули ҷисмонӣ, руҳӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдакони мазкур таъсири манфӣ хоҳад расонид.

Ҳол он ки тибқи талаботҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон падару модар нисбати фарзандонашон ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар дошта, барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд,

ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, руҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд.

Мафҳуми аъзои оила, ҳуқуқ ва вазифаҳои оила ва аъзои собиқи оилаи молик бо муқаррароти моддаҳои 121 ва 122 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда, моддаҳои мазкур талаботҳоро доир ба ҳуҷраҳои истиқоматие, ки аъзоёни оила бояд маскун карда шавад, пешбинӣ накардааст. Аммо, сархати 3 моддаи 37 Кодекси мазкур муносибатҳои ҳуқуқиро доир ба талабот нисбат ба хонаҳои истиқоматӣ ба танзим даровարда, тибқи он ҳангоми додани хонаи истиқоматӣ дар як утоқ ҷойгир намудани ашхоси гуногунҷинси аз 7 сола калонтар, ба ғайр аз зану шавҳар манъ аст.

Бо назардошти манфиати кӯдакони гуногунҷинси аз 7 сола калонтар, ки бояд дар шароити мусоид ва доираи ахлоқу одоб тарбия ёбанд ва масъулияти падарашон Ҷ.А. дар ин ҷода, ки бо санадҳои меъёри ҳуқуқии дар боло зикргардида пешбинӣ шудааст, дуруст мегардид, ки суд қиёси қонунро дастрас намуда, Б.Ш.М. ва фарзандонашро бо дастрасии талаботи моддаи 37 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон маскун менамуд.

Тибқи талаботи банди 3, моддаи 151 ва қисми 1, банди 3, моддаи 152 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои омодасозии парванда аз ҳалли масъалаҳо оид ба ҳайати шахсони иштирокчии парванда ва дигар иштирокчиёни мурофиа иборат буда, судя ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ масъалаи ба парванда ҳамроҳ шудани ҳамдаъвогарон, ҳамҷавобгарон ва шахсони сеюмро, ки ба мавзӯи баҳс талаботи мустақил

надоранд, инчунин масъалаҳои иваз намудани ҷавобгари номуносиб, якҷоя ё ҷудо кардани талаботи даъворо ҳал менамояд.

Бо таъиноти маҷлиси пешакии судии суди ҳарбӣ аз 2 марти соли 2020 баррасии парвандаи оилавӣ бо аризаи даъвогии М.Ш.А. ба ҷавобгарии М.Ч.Я., М.Б.А. ва шахси сеюм Шӯъбаи шиносномадиҳии ШВКД-1 дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан, маскун кардан ба хонаи истиқоматӣ бо ба қайд мондан дар манзили истиқоматӣ, бинобар аз даъво даст кашидани даъвогар қатъ карда шудаст.

Аз маводи парванда бармеояд, ки дар мурофиаи судӣ С.Ҷ.М. намояндаи ваколатдори даъвогар М.Ш.А. иштирок дошта, дар хусуси даст кашидани даъвогар аз даъво аризаро бевосита ӯ ба суд пешниҳод намуда, суд онро тасдиқ намудаст.

Суд он ҳолатро ба инобат нагирифтааст, ки тибқи талаботи моддаи 43 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, суд даст кашидани даъвогарро аз даъво, тасдиқ намекунад, агар он хилофи қонун бошад ё ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсонро халалдор созад.

Даъвогар М.Ш.А. соҳиби ду фарзанди ноболиғ М.М., санаи таваллудаш 27 марти соли 2015 ва М.М., санаи таваллудаш 18 апрели соли 2017 буда, аризаи даъвогии дар боло зикргардида бинобар ба ҷои зист муҳтоҷ будани худаш ва фарзандонаш пешниҳод гардидаст.

М.Ш.А. ба намоянда С.Ҷ.М. салоҳияти намояндаги намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои худро дода, вале дар ваколатнома аз 11 декабри соли 2019, таҳти №19-1-2894

доир ба намояндагии ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзандони ноболиғаш маълумот мавҷуд нест.

Ҳолати мазкур далели он мебошад, ки бо қатъ гардидани баррасии парвандаи оилавии мазкур, ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони дар боло зикргардида, ба ҳифзи судӣ халалдор шудаст.

Ҷамъбастӣ муайян намуд, ки асосан аризаҳои даъвогӣ дар бораи аъзои оила донистан ва маскун кардан ба хонаи истиқоматӣ бинобар қатъ гардидани муносибатҳои оилавӣ ва бекор шудани акди никоҳи оилаҳои ҷавон, ки дорои кӯдакони ноболиғ буда, аз хонаҳои истиқоматии аҳли оилаи падарашон ронда шуданд, ба суд пешниҳод мегарданд.

Вазифаҳои мурофиаи судии гражданӣ аз дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳал намудани парвандаҳои гражданӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи шаҳрвандон (шахсони воқеӣ), шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони дигар, ки субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, манзил, замин, экологӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, иборат аст. Мурофиаи судии гражданӣ ба таҳкими адолат, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, ташаккули муносибати эҳтиромона ба ҳуқуқ ва суд бояд мусоидат намояд.

Аммо, ҷамъбастӣ муайян намуд, ки дар натиҷаи нодуруст баррасӣ намудани ин категорияи парвандаҳо, имконияти бекор карда шудани санадҳои судӣ ба миён

меояд ва ҳолати мазкур боиси муҳлати тӯлонӣ ба кашолакорӣ роҳ додани баррасии парванда мегардад. Дар натиҷа, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кудаконӣ ноболиғ барои зиндагонӣ намудан дар шароити мусоид вайрон мегардад.

Чунончӣ, бо ҳалномаи суди ноҳия аз 31 марти соли 2020 аризаи даъвогии Г.С. ба ҷавобгарии А.А.А. ва Д.А.А. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба хонаи истиқоматӣ қонеъ шуда, Г.С. бо фарзандони ноболиғаш С.А., санаи таваллудаш 10 июни соли 2005 ва С.М., санаи таваллудаш 1 сентябри соли 2018 аъзои оилаи Д.А. эътироф шуда, ба як ҳуҷраи манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Х., Ҷамоати шаҳраки Х., деҳаи Т. ба масоҳати 4,5х5,70 м2. бо истифодабарии умумии иншоотҳои ёрирасон аз қабили долон, ошхона, ҳамом ва ҳоҷатхона маскун шудаанд.

Омузиши парвандаи номбурда нишон дод, ки суд масъалаҳо оид ба ҳайати шахсони иштирокчии парванда ва ба муҳокимаи судӣ масъалаи ба парванда ҳамроҳ шудани ҳамҷавобгарон ва ё шахсони сеюмро, ки ба мавзӯи баҳс талаботи мустақил надоранд, ҳал накардааст.

Зеро, аз маводи парванда дида мешавад, ки хонаи истиқоматии дар боло зикргардида дар асоси Шаҳодатнома дар бораи қайди молу мулк аз 29 марти соли 2009, таҳти №58 ба Д.А. тааллуқ дошта, ӯ оиладор мебошад.

Дар ин ҳолат бояд суд, доир ба муайян намудани ҳолати моликияти муштараки Д.А. ва ҳамсараш будан ва ё набудани хонаи истиқоматии дар боло зикргардида

амалиётҳои дархлдорро дар давраи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ мегузаронид.

Зеро, тибқи талаботи қисми 1 моддаи 34 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулки, ки зану шавҳар дар давраи заношуйи ҷамъ кардаанд, моликияти муштараки онҳо мебошад.

Нисбат ба моликияти муштарак ҳамсоҳибмулкон дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар буда, ба мурофиаи судӣ ҷалб нагардидани ҳаммолик ба тариқи ҷиддӣ манфиатҳои ӯро вайрон намуда, далолати он мебошад, ки суд масъаларо оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсоне ҳал намудааст, ки барои иштирок ба муҳокимаи парванда ҷалб нашудаанд.

Ҳолати мазкур мутобиқи талаботи қисми 2 банди 4 моддаи 353 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз далелҳои шикоят ва эътирози кассатсионӣ асоси бекор гардидани санади судӣ ва боиси сари вақт ҳал нагардидани баҳсӣ ба миён омада, байни модари ҷавон ва соҳимбулкон гардида, кӯдакони ноболиғ муҳлатҳои тӯлонӣ бо ҷои зист таъмин нагардидаанд.

Бо ҳалномаи суди ноҳия аз 9 январи соли 2020 аризаи даъвогии А.М.С. ба ҷавобгарии Ф.Ҳ.Ш., Ф.О.Ҳ. ва Хадамоти шиносномави бақайдгирии ШВКД дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан, маскун кардан ба хонаи истиқоматӣ бо роҳи ба қайд мондан қонеъ шуда, А.М.С. бо фарзанди ноболиғаш Ф.З. санаи таваллудаш 15 октябри соли 2018 аъзои оилаи Ф.Ҳ.Ш. эътироф шуда, ба як ҳуҷраи манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Д., кӯчаи Ҳ., хонаи №313 ба масоҳати 16м2. бо истифодабарии

умумии иншоотҳои ёрирасон ва ба қайди доими гузоштан дар он ҷо маскун карда шудаанд.

Суди марҳилаи якум ба хулоса омадаст, ки соҳимбулки хонаи истиқоматии дар боло зикргардида, ҷавобгар Ф.Ҳ.Ш. мебошад. Аммо, дар маводи парванда ҳуҷҷати тасдиққунандаи ин ҳолат мавҷуд нест.

Ба парванда ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайнкунандаи хонаи истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри Д., кӯчаи Х., хонаи таҳти №68 ҳамроҳ карда шудаст, ки тибқи он соҳибмулки манзили истиқоматии мазкур М.Д. буда, баъдан тибқи қайд дар шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ, ки ба он тағйироти ҷорӣ соли 2002 гузаронида шудааст, дар асоси шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи мерос аз рӯи қонун аз 8 майи соли 2000, ки дар феҳрасти нотариалӣ таҳти №4М-69 сабт шудааст, соҳибмукли он Ф.Ҳ. гардидаст.

Суд умуман масъалаи алоқамандии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайнкунандаи мазкурро ба предмети баҳс муайян накардаст.

Ҳолати макзур аз исбот нагардидани ҳолатҳои муайяннамудаи суди марҳилаи якум, ки барои парванда дорои аҳамият мебошанд шаҳодат дода, тибқи талаботи қисми 1 банди 2 моддаи 351 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои бекор намудани санади судӣ мебошад.

Мисоли дигар: Қ.М.А. ба ҷавобгарии Э.Р.А. ва Т.С.Ш. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба хонаи истиқоматӣ бо аризаи даъвогӣ ба суд муроҷиат намудаст.

Суди ҳарбӣ бо назардошти он ки Қ.М.А. аз 28 майи соли 2016 ба ҳайси зани Т.С.Ш. бо ризоияти хусураш Э.Р.А. маскуни хонаи истиқоматии охирин гардида, бо ӯ

муқимӣ ва бо пешбурди хоҷагии умумӣ истиқомат намуда, соҳиби фарзанд гардидааст, дар асоси талаботи моддаҳои 121-122 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳалнома аз 7 январи соли 2020 аризаи даъвогии дар боло зикргардидаи Қ.М.А.-ро қонеъ намудааст. Аз ин лиҳоз, Қ.М.А. бо фарзанди ноболиғаш Т.С.С. санаи таваллудаш 24 апрели соли 2017 аъзои оилаи молик Э.Р.А. эътироф шуда, ба як ҳуҷраи манзили истиқоматӣ воқеъ дар шаҳри К., кӯчаи Ф., хонаи таҳти №14 ба масоҳати 17,80 м2. бо истифодабарии умумии иншоотҳои ёрирасон маскун карда шуданд.

Аммо, суди марҳилаи якум он ҳолатро маддӣ назар намудаст, ки хонаи истиқоматии предмети баҳси буда, ба доираи сохтмонҳои худсарона сохташуда дохил гардида, Эмомов Р.А. нисбат ба он ҳуҷҷати соҳибмулкии тасдиққунандаро надошта ва ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини таҳти он бударо низ надорад.

Тибқи маълумоти дар шиносномаи техникии манзили истиқоматии мазкур қайд гардида, Э.Р.А. истифодабрандаи он мебошад.

Аз ин лиҳоз, хулосаи суд дар он хусус, ки Қ.М.А. аъзои оилаи молик Э.Р.А. мебошад, бармаҳал буда, аз нодуруст татбиқ гардидани қиёси қонун далолат медиҳад.

Зеро, тибқи талаботи қисми 2 моддаи 2 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати мавҷуд набудани меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ, ки муносибатҳои дар мурофиаи судӣ бавуҷудояндаро танзим менамоянд, суд меъёрҳоеро, ки муносибатҳои шабеҳро танзим менамоянд (қиёси қонун) татбиқ менамояд.

Муносибатҳои ба миён омада, байни Қ.М.А. ва истифодабарандаи хонаи истиқоматии худсарона сохташуда Э.Р.А. доир ба истифодаи он бештар ба муносибатҳои ҳуқуқии дар моддаи 45 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида шабеҳ мебошад. Чунки дар доираи муқаррароти ин меъёри ҳуқуқӣ ба баҳси ба миён омада байни кироягир бо дигар хешу ақрабо ва дигар ашхос баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад.

Бо ҳалномаи суди ноҳия аз 16 октябри соли 2020 аризаи даъвогии Р.М.И. ба ҷавобгарии И.С. ва И.Р.С. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба хонаи истиқоматӣ қонеъ шуда, Р.М.И. бо фарзандони ноболиғаш И.Ш. ва И.О. аъзои оилаи И.С. эътироф шуда, ба як ҳуҷраи манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Ф., Ҷамоати деҳоти Ғ., деҳаи Д. ба масоҳати 6,0 х 3,0 м. дар асоси эътирофи даъво аз ҷониби И.С. ва И.Р.С. маскун карда шуданд.

Ҷамъбасти муайян намуд, ки суд ҳангоми қабул намудани эътирофи даъво аз ҷониби И.С. ва И.Р.С. бархилофи талаботи моддаи 176 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, доир ба ин ҳолат аризаи хаттии онҳоро нагирифта, ба тарафҳои парванда оқибатҳои эътирофи даъворо тавзеҳ надодаст.

Дар асоси талаботи банди панҷ қисми 2 моддаи 134 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аризаи даъвогӣ бояд ҳолатҳое, ки даъвогар талаботи худро асоснок месозад ва далелҳое, ки ин ҳолатро тасдиқ мекунанд, зикр гарданд.

Тибқи талаботи моддаи 135 кодекси зикршуда ба аризаи даъвогӣ ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

- нусхаи аризаи даъвогӣ мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм;

- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти боҷи давлатӣ;

- ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ваколати намояндаи даъвогар;

- нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳолатҳое, ки даъвогар талаботҳои худро асоснок менамояд;

- ҳисоби маблағҳои ситонидашаванда ё баҳсноке, ки аз ҷониби даъвогар, намояндаи ӯ имзо шудаанд, бо нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди ҷавобгарон ва шахсони сеюм.

Дар вақти гузаронидани ҷамъбастӣ вобаста ба парвандаҳои категорияи мазкур ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки аз ҷониби судҳо меъёрҳои зикршуда нодуруст татбиқ карда мешаванд ва боиси беасос беҳаракат монондани аризаҳои даъвогӣ мегарданд.

Масалан, аризаи даъвоии М.Г. нисбат ба Ҳ.Д. ва Ҳ.А. оид ба аъзои оилаи молик эътироф кардан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ аз ҷониби суд дар асоси таъинот аз 29 июли соли 2020 беҳаракат монода шудааст. Судя дар таъиноташ қайд кардаст, ки даъвогар бо талаботи даъвогии аъзои оилаи молик эътироф кардан муроҷиат намудааст, вале ягон ҳуҷҷати тасдиқкунанда оид ба он ки ҷавобгар Ҳ.Д. соҳибмулки манзили истиқоматии воқеъ дар шаҳри Л., кӯчаи З., хонаи 10, утоқи 24 мебошад, ба аризаи даъвогиаш замима накардааст.

Новобаста аз он ки аз ҷониби қонунгузор замима шудани ҳуҷҷатҳои дахлдор дар моддаи 135 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст ва пешниҳод накардани ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандаи манзили истиқоматӣ асос

барои беҳаракат монондани аризаи даъвогӣ намегардад, судя барои пешниҳоди ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда ба даъвогар муҳлат дода, аризаи зикршударо беҳаракат мондааст. Бояд қайд кард, ки дар асоси талаботи қонунгузории мурофиавӣ аз ҷониби даъвогар далеле, ки талаботи ӯро асоснок мекунад, яъне ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандае, ки соҳибмулки будани ҷавобгарро тасдиқ мекунад, дар аризаи даъвоӣ дарҷ карда шудааст .

Мутобиқи талаботи банди 2, қарори №12-и Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодасозии парвандаҳои гражданӣ ба муҳокимаи судӣ» иҷро намудани ҳар яке аз вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ, ки дар моддаи 151 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст, ҳатмӣ мебошад.

Дар баррасии парвандаи оилавӣ бо даъвои С.С. нисбат ба М.М. ва М.С. вобаста ба категорияи зикршуда ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ аризаи даъвоӣ ба ҳамаи тарафҳо супорида нашудааст. Илова бар ин, аз ҷониби даъвогар ариза оид ба тағйир додани талаботи даъво пешниҳод карда шудааст. Новобаста аз он ки ариза бархилофи талаботи моддаи 134-135 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, он аз ҷониби суд қабул карда шуда, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Судя вобаста ба аризаи мазкур таъиноти қабул ва омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ набароварда, омодасозӣ низ нагузаронидааст.

Айнан хатогии мазкур дар баррасии парвандаи оилавӣ бо даъвои Н.М. нисбат ба Г.М. ва Ш.Д. оид ба аъзои оила эътироф намудан ва маскун кардан дар манзили истиқоматӣ ба назар мерасад. Санаи 10 марти соли 2020 аз

ҷониби даъвогар аризаи даъвоӣ оид ба тағйири даъво пешниҳод карда шуда, вобаста ба аризаи мазкур таъиноти қабул ва омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ набароварда, омодасозӣ низ гузаронида нашудааст.

Аризаи даъвогии С.М. нисбат ба С.М. оид ба аъзои оила эътироф намудан ва маскун кардан дар манзили истиқоматӣ аз ҷониби суд санаи 2 марти соли 2020 қабул карда шудаст. Дар давраи омодасозӣ аз ҷониби судя муқаррар карда шудаст, ки манзили истиқоматӣ дар асоси шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун ба модари ҷавобгар марҳум С.М. тааллуқ дорад, вале новобаста аз ин судя даъвогарро бо фарзандонаш аъзои оилаи шавҳараш С.М., ки молики манзили истиқоматӣ нест, ҳамчун аъзои оилаи молик эътироф карда, даъворо қонеъ кардааст.

Аризаи даъвогии А.Х. нисбат ба И.Г. оид ба аъзои оила эътироф ва маскун кардан дар манзили истиқоматӣ аз ҷониби судя қабул карда шуда, дар таъиноти қабули аризаи даъвогӣ сана ва моҳи қабули он монда нашудааст.

Мувофиқи талаботи муқаррароти қисми 8 моддаи 70 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон суд наметавонад ҳолатро исботшуда ҳисоб кунад, агар он танҳо бо нусхаи ҳуҷҷат ё дигар далели хаттӣ тасдиқ гардида, асли ҳуҷҷатҳо ба суд пешниҳод нашуда бошад.

Омӯзиши парвандаҳои ҷамъбастӣ нишон дод, ки ҳастанд ҳолатҳое, ки ин талаботи қонунгузор низ аз ҷониби судяҳо дар баррасии баъзе парвандаҳои оилавӣ риоя карда нашудааст.

Масалан: Бо даъвои Ф.П. нисбат ба Қ.М., даъвои Б.С. нисбат ба Б.А., даъвои М.З. нисбат ба М.М., даъвои Р.З. нисбат ба Р.Р. оид ба аъзои оила эътироф ва маскун кардан

дар манзили истиқоматӣ риоя карда нашуда, ҳуҷҷатҳои аз ҷониби тарафҳо пешниҳодшуда дар шакли нусха қабул карда шуда, он ба нусхаи аслаш муқоиса карда нашуда ва тасдиқ карда нашудаанд.

Тибқи талаботи қисми 3, моддаи 198 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад.

Дар асоси қисми 5, қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №13 аз 23 июни соли 2010 “Дар бораи ҳалномаи судӣ” қисми хулосавии ҳалнома бояд хулосаҳои пурраи судро, ки аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеояд ва онҳо дар қисми асосноккунии ҳалнома муқаррар карда шудаанд, дар бар гирад.

Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки дар вақти баррасии парвандаҳо ин талаботи меъёри қонуни мурофиавӣ на ҳама вақт риоя карда шудааст.

Масалан, аризаи даъвогии А.Ф. нисбат ба З.М. ва А.А. оид ба аъзои оила эътироф ва маскун кардан дар манзили истиқоматӣ санаи 12 марти соли 2020 аз ҷониби суди ноҳия қабул карда шуда, ҳалномаи суд санаи 4 июни соли 2020 бароварда шудааст. Суд дар қисми хулосавии ҳалнома танҳо масъалаи маскун намудани даъвогар бо фарзандонашро қонеъ карда, вале талаби даъвогӣ оид ба аъзои оила эътироф карданро ҳал накардааст. Ин камбуди гувоҳи он мебошад, ки судя оид ба як талаботи даъвогӣ санади суди қабул накардааст.

Мисоли дигар, аризаи даъвогии Қ.Ҷ. нисбат ба Б.А. оид ба маскун кардан ба манзили истиқоматӣ аз ҷониби суд 4 майи соли 2020 қабул карда шуда, аз ҷониби даъвогар талаб карда шудааст, ки дар ду ҳуҷраи манзили

истиқоматӣ бо андозаи 12,9 м.м. ва 14 м.м. маскун карда шавад. Суд дар асоси ҳалнома даъвогарро бо фарзандонаш дар ҳуҷраи андозааш 14 м.м. маскун карда, даъворо қисман қонеъ кардааст, вале дар қисми хулосавии ҳалнома дарҷ накардааст, ки даъво қисман қонеъ карда шавад. Ҳол он ки дар қисми 7 моддаи 202 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки қисми хулосавии ҳалнома бояд хулосаи худро дар хусуси пурра ё қисман қонеъ намуданро дар бар гирад.

Вобаста ба аризаи даъвогии Г.М. нисбат ба С.Г. оид ба маскун намудан бошад, даъвогар талаби маскун шудан дар ҳуҷраҳои бо андозаи 16,8 м.м. ва 18.0 м.м-ро кардааст, вале суд даъворо қисман қонеъ карда, даъвогарро бо фарзандонаш дар ҳуҷраи масоҳаташ 18,8 м.м. маскун кардааст. Аз рӯи ҳуҷҷатҳои парванда муайян аст, ки дар манзили истиқоматии баҳсӣ ҳуҷраи истиқоматӣ бо масоҳати 18,8 м.м. вуҷуд надорад.

Аризаи даъвогии М.М. нисбат ба О.Ҳ. оид ба маскун кардан дар манзили истиқоматӣ аз ҷониби суд 4 августи соли 2020 қабул карда шудааст. Даъвогар аз суд талаб кардааст, ки ӯ бо фарзандонаш дар ҳуҷраҳои истиқоматии масоҳаташ 15,0 м.м. ва 16,2 м.м. бо пешайвон масоҳаташ 18,3 м.м. маскун карда шавад. Суд дар асоси ҳалномаи суд аз 2 сентябри соли 2020 даъворо қисман қонеъ карда, даъвогарро бо фарзандонаш дар ҳуҷраи истиқоматӣ бо масоҳати 15,0 м.м. маскун кардааст. Дар қисми асосноккунии ҳалнома аз ҷониби суд асоснок карда нашудааст, ки чаро суд даъворо қисман қонеъ кардааст ва ягон далел ё ваҷҳ аз ҷониби суд дар ҳалнома вобаста ба қисман қонеъ кардани даъво зикр карда нашудааст.

Мисоли дигар, аризаи даъвогии С.Р. нисбат ба С.Р. ва С.Қ. оид ба аъзои оила эътироф кардан ва маскун кардан дар манзили истиқоматӣ аз ҷониби суд санаи 31 августи соли 2020 қабул карда шудааст. Даъвогар аз суд талаб кардааст, ки ӯ бо фарзандонаш дар ҳуҷраҳои истиқоматии масоҳаташ 20,67 м.м., 20.67 м.м. ва 18.70 м.м. маскун карда шавад. Суд дар асоси ҳалномаи суд аз 27 октябри соли 2020 даъворо қисман қонеъ карда, даъвогарро бо фарзандонаш дар ҳуҷраҳои истиқоматӣ бо масоҳати 20,67 м.м. ва 18.70. маскун кардааст. Дар қисми асосноккунии ҳалнома аз ҷониби суд асоснок карда нашудааст, ки чаро суд даъворо қисман қонеъ кардааст ва ягон далел ё ваҷҳ аз ҷониби суд дар ҳалнома вобаста ба қисман қонеъ кардани даъво зикр нагардидааст. Илова бар ин, аз рӯи нақшаи манзили истиқоматӣ дар он ду ҳуҷра бо масоҳати 18,7 м.м. вуҷуд дорад, вале аз ҷониби суд дар қисми хулосавии ҳалнома нишон дода нашудааст, ки суд маҳз дар кадом ҳуҷра даъвогарро бо фарзандонаш маскун кардааст. Бояд қайд кард, ки ин санади судӣ дар вақти иҷроиш душворӣ ва нофаҳмӣ меорад.

Дар моддаи 227 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои бе баррасӣ монондани аризаи даъвогӣ пурра нишон дода шудааст.

Тибқи банди 5, моддаи 227 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон агар тарафҳо дар ғоибии онҳо баррасӣ намудани парвандаро хоҳиш накарда бошанд ва баъди дубора даъват намудан низ ба суд ҳозир нашуда бошанд, асос барои бе баррасӣ монондани ариза шуда метавонад.

Татбиқи ин меъёри қонун танҳо дар сурати мавҷуд будани шартҳои дар боло зикргардида бе баррасӣ

монодани даъво имконпазир мебошад. Онҳо бояд ҳаматарафа санҷида шуда, бо далелҳо тасдиқ карда шаванд, аммо судяҳо ҳангоми баровардани таъинот дар бораи бе баррасӣ монондани аризаҳо ба вайрон кардани талаботи қонун роҳ медиҳанд.

Чунончӣ, бо таъиноти суди ноҳия аз 31 августи соли 2020 парвандаи оилавӣ бо даъвои Б.З. нисбат ба Б.К. оид ба аъзои оила эътироф ва маскун кардан дар манзили истиқоматӣ оғоз карда шуда, тарафҳо ба суд ба рӯзҳои 21 августи соли 2020, такроран 31 августи соли 2020 даъват карда шудаанд ва худи ҳамин рӯз, яъне 31 августи соли 2020 аризаи даъвогии мазкур бе баррасӣ мононда шудааст. Вале аз маводҳои парванда бармеояд, ки тарафҳо ба таври дахлдори қонунӣ оид ба санаи таъингардидаи мурофиаи судӣ тибқи талаботи моддаҳои 117-118 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳонида нашудаанд. Аз ин рӯ, бе баррасӣ монондани баррасии парвандаи мазкур бармаҳал мебошад.

Аризаи даъвогии Р.З. нисбат ба Р.Р. оид ба аъзои оила эътироф ва маскун кардан дар манзили истиқоматӣ аз ҷониби суди ноҳия санаи 10 августи соли 2020 қабул карда шуда, 9 ноябри соли 2020 даъво қонеъ карда шудааст. Дар вақти омӯзиши парвандаи мазкур дар протоколи маҷлиси судӣ ва ҳалномаи суд мухолифатҳо ба назар мерасад. Аз он ҷумла, дар протоколи маҷлиси судӣ қайд карда шудааст, ки ҷавобгар аризаи даъвогиро эътироф намекунад, вале дар қисми баёнии ҳалнома дарҷ гардидааст, ки ҷавобгар гуйё аризаи даъвогиро эътироф мекунад, аммо дар қисми асосноккунии ҳалнома омадааст, ки ҷавобгар аризаи пешниҳоднамудаи даъвогарро қисман эътироф мекунад,

яъне номутобиқатии ҳалнома бо протоколи маҷлиси судӣ роҳ дода шудааст.

Ҳамин тариқ, гузаронидани ҷамъбастии мазкур нишон дод, ки дар вақти ҳалли баҳсҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҳангоми ҳалли баҳсҳои аъзои оилаи молик донистан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ гарчанде дар судҳо меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ риоя гардида истода шуда бошад, ҳам, вале бояд баҳри бартараф намудани камбудиҳи дар боло зикргардида кушиш ба харҷ дод.

Бо назардошти асосҳои дар боло овардашуда ва манфиатнокии ҷамъбастии мазкур,

## П Е Ш Н И Ҳ О Д   К А Р Д А   М Е Ш А В А Д:

Ҷамъбастии таҷрибаи баррасии парвандаҳои оилавӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ҳангоми ҳалли баҳсҳои аъзои оилаи молик донистан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ дар машғулияти семинарии судяҳо мавриди мӯҳокима қарор дода шавад.

Ба судҳо зарур аст, ки баҳри бартараф кардани камбудиҳои зикргардида ва беҳтар кардани сифати санадҳои судӣ кушиш ба харҷ диҳанд.

**Коллегияи судӣ оид ба**
**парвандаҳои оилавии Суди Олӣ**

Нашрияи

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№ 2, 2021

Бюллетень

Верховного Суда Республики Таджикистан

Мусаҳҳеҳ – Тураев Камол Мавлонович
Ҳуруфчӣ – Ғафурзода Фарзона Амирҷон

Ба чоп _______ имзо шуд. Формат 60 х84 1/8 32 в.ш.ч.
Қоғази офсетӣ. Гарнитураи Times New Roman 12.
Адади нашр 500 нусха.

Дар ________________________ чоп шудааст.